## ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТИИ ШАҲРИ ҲИСОР

# БАРНОМАИ РУШДИ ИҶТИМОИВУ ИҚТИСОДИИ ШАҲРИ ҲИСОР БАРОИ СОЛҲОИ 2021-2025

**шаҳри Ҳисор соли 2021**

# МУНДАРИЧА


Рӯйхати ихтисорот....3
Пешгуфтор. ....4

**БОБИ 1. ҲОЛАТИ УМУМӢ ВА ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ВОҚЕЪИИ ШАҲРИ ҲИСОР**
1.1. Тақсимоти маъмуриву ҳудудӣ....6
1.2. Маълумоти таърихӣ....6
1.3. Маълумоти ҷуғрофӣ. ....7
1.4. Захираҳои табиӣ....7
1.5. Вазъи демографии шаҳр. ....8

**БОБИ 2. ШАҲРИ ҲИСОР ДАР СОЛИ 2025**
2.1. Татбиқи “Барномаи рушди иҷтимою иқтисодии шаҳри Ҳисор барои солҳои 2018-2020”....8
2.2. Тарафҳои қавӣ, заиф, имкониятҳо ва хатарҳо....9
2.3. Биниши рушд. ....11

**БОБИ 3. РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДИЁТ**
3.1. Саноат....14
3.2. Соҳибкории хурду миёна ва Шарикии давлат ва бахши хусусӣ. ....15
3.3. Фазои сармоягузорӣ. ....18
3.4. Соҳаи кишоварзӣ. ....18
3.5. Сохтмон ва меъморӣ....23

**БОБИ 4. РУШДИ УСТУВОРИ СОҲАҲОИ ИҶТИМОИЁТ**
4.1. Соҳаи маориф....24
4.2. Тандурустӣ. ....25
4.3. Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ....28
4.4. Меҳнат ва шуғли аҳолӣ. ....28
4.5 Варзиш ва ҷавонон....30
4.6. Бахши фарҳанг. ....31
4.7. Соҳаи сайёҳӣ. ....33
4.8. Масъалаҳои гендерӣ. ....35

**БОБИ 5. ИНФРАСОХТОР**
5.1. Хоҷагии манзилию коммуналӣ....38
5.2. Таъмини оби нӯшокӣ ва масъалаҳои корезӣ. ....39
5.3. Роҳу нақлиёт....40
5.4. Таъминоти барқ. ....41
5.5. Алоқа ва фазои иттилоотӣ. ....43

**БОБИ 6. ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ, ИДОРАКУНИИ ХАТАРИ ОФАТҲОИ ТАБИӢ ВА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА**
6.1. Ҳифзи муҳити зист....44
6.2. Идоракунии хатари офатҳои табиӣ ва ҳолатҳои фавқулодда. ....46

**БОБИ 7. ИДОРАКУНИИ ҶАРАЁНИ ТАТБИҚИ БАРНОМА**
7.1. Маблағгузории барномаи рушди шаҳр....51
7.2. Буҷети маҳаллӣ. ....52
7.3. Низоми мониторинг ва арзёбӣ....54

**Замима:** занҷири мантиқӣ бо фарогирии лоиҳаҳои ҳамаи соҳаҳо, нишон додани индикаторҳо, аз ҷумла, индикаторҳои Ҳадафҳои рушди устувор.

# РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ

| | |
|---|---|
| АОМО | Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| БАТР | Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд |
| БДС | Барномаи давлатии сармоягузорӣ |
| БМР | Барномаи миёнамуҳлати рушд |
| БМТ | Бонки миллии Тоҷикистон |
| БРСММ | Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид |
| ВА | Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВКИШ | Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВМАО | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВМ | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВМЕҲ | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВНАҚ | Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВНМО | Вируси норасоии масунияти одам |
| ВРИС | Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВСАН | Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВТАН | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВЭНЕ | Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ДИПҶТ | Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| КАТС | Кумаки аввалияи тиббию санитарӣ |
| КВД | Корхонаи воҳидии давлатӣ |
| КДСА | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ККЗО | Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| КРС | Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| КҶВС | Кумитаи ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| КҲМЗ | Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди ҲҶТ |
| КҲФМ | Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| МваА | Мониторинг ва арзёбӣ |
| МИМХД | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| СМР | Стратегияи миллии рушд |
| СМР-2030 | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон - 2030 |
| СХМ | Соҳибкории хурду миёна |
| ХИБ | Хатҳои интиқоли барқ |
| ХМК | Хоҷагии манзилию коммуналӣ |
| ҲҶТ | Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ҲРУ | Ҳадафҳои рушди устувор |
| ҶСК | Ҷамъияти саҳомии шакли кушода |
| ҶТ | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ШДБХ | Шарикии давлат ва бахши хусусӣ |
| ШСХК | Ширкати саҳомии холдингии кушода |

# ПЕШГУФТОР

Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Ҳисор барои солҳои 2020-2025 (минбаъд БРИИ шаҳри Ҳисор) аз ҷониби гурӯҳи корӣ дар асоси омӯзиш ва таҳлили вазъи иҷтимоию иқтисодии шаҳр таҳия шудааст.

Барнома тибқи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 майи соли 2019, таҳти №181 “Дар бораи Тартиби таҳияи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии маҳалҳо” таҳия карда шуда, ба ҳадафу афзалиятҳои ҳуҷҷатҳои стратегии кишвар (Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва Ҳадафҳои рушди устувор) мутобиқ карда шудааст.

Барнома дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ҳуҷҷатҳои стратегии кишвар, барномаҳои соҳавӣ ва дигар чорабиниҳои марбут ба рушди шаҳр тарҳрезӣ шудааст.

Барнома самтҳои афзалиятнок ва сиёсати рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳрро барои давраи миёнамуҳлат муайян менамояд ва барои ноил шудан ба рушди устувори иқтисодӣ, дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои заминавии иҷтимоӣ, рифоҳӣ, инфрасохтори замонавӣ, шароити шоистаи зиндагии аз лиҳози экологӣ мутобиқ, коҳиш ёфтани сатҳи камбизоатӣ ва инчунин, зиёд шудани табақаи миёнаи аҳолии шаҳр заминаи босазо хоҳад гузошт.

Дар Барномаи мазкур 17 қисму ҳадаф, 36 вазифаи асосӣ ва 654 лоиҳа ба маблағи 1 млрд. 25 млн. 966 ҳазор сомонӣ ворид шудааст.

## Тақсимоти маблағҳои “Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Ҳисор барои солҳои 2021-2025” аз рӯи соҳаҳо (ҳазор сомонӣ)

| Соҳаҳо | Шумораи лоиҳаҳо (адад) | Ҳамагӣ, хазор сомонӣ | Соли 2021 | Соли 2022 | Соли 2023 | Соли 2024 | Соли 2025 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДИЁТ ДАР СОЛҲОИ 2021-2025** | | | | | | | |
| **1. Маҷмуи маҳсулоти умумии минтақавӣ** | **1** | **19683000** | **3224000** | **3547000** | **3901000** | **4291000** | **4720000** |
| **ЛОИҲАҲОИ ИҶРОШАВАНДА ДАР ЗАРФИ СОЛҲОИ 2021-2025** | | | | | | | |
| 2. Саноат | 27 | 53358 | 32273 | 13085 | 7000 | 1000 | |
| 3. Кишоварзӣ | 47 | 48641 | 17146 | 10524 | 9473,8 | 6123,8 | 5373,8 |
| 4. Соҳибкории хурду миёна | 206 | 73812 | 30793 | 16044 | 8991,4 | 8991,4 | 8991,4 |
| 5. Манзил ва сохтмон | 25 | 322000 | 142000 | 87000 | 62000 | 25000 | 6000 |
| **Ҷамъ дар бахши иқтисодиёт** | **305** | **497811** | **222212** | **126653** | **87465,2** | **41115,2** | **20365,2** |
| 6. Соҳаи сайёҳӣ | 47 | 55713 | 24881 | 16276 | 2439 | 7312 | 4805 |
| 7. Соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | 52 | 198841 | 38459 | 28475 | 65125 | 34822 | 31960 |
| 8. Соҳаи маориф | 72 | 68884 | 37991 | 18072 | 4607 | 4307 | 3907 |
| 9. Фарҳанг ва варзиш | 79 | 23447 | 9717 | 4317,5 | 4007,5 | 2852,5 | 2552,5 |
| **Ҷамъ дар бахши иҷтимоиёт** | **250** | **346885** | **111048** | **67140,5** | **76178,5** | **49293,5** | **43224,5** |
| 10. Таъминоти оби нӯшиданӣ, санитарӣ ва бехдошт | 11 | 22595 | 10395 | 7000 | 2200 | 1500 | 1500 |
| 11. Хоҷагии манзилию комуналӣ | 6 | 11500 | 3250 | 2050 | 2700 | 1950 | 1550 |
| 12. Таъминоти барқ | 9 | 64090 | 19780 | 16100 | 10800 | 10410 | 7000 |
| 13. Нақлиёт ва хоҷагии роҳ | 14 | 8256 | 3509 | 2582 | 2128 | 20 | 17 |
| 14. Алоқа ва фазои иттилоотӣ | 5 | 3335 | 765 | 680 | 630 | 630 | 630 |
| 15. Бехатарии ҳифзи муҳити зист | 4 | 1750 | 400 | 400 | 400 | 280 | 270 |
| 16. Идоракунии хатари офатҳои табиӣ | 34 | 14288 | 4018 | 3395 | 2745 | 2170 | 1960 |
| **Ҷамъ дар бахши инфрасохтор, ҳолатҳои фавкулодда ва ҳифзи муҳити зист** | **83** | **125814** | **42117** | **32207** | **21603** | **16960** | **12927** |
| 17. Идоракунии раванди татбиқи БРИИ шаҳри Ҳисор | 16 | 55456 | 19325,2 | 11005,2 | 10195,2 | 8865,2 | 6065,2 |
| **Ҳамагӣ, арзиши умумии лоиҳаҳои иҷрошавандаи БРИИ шаҳри Ҳисор барои солҳои 2021-2025** | **654** | **1025966** | **394702** | **237006** | **195442** | **116234** | **82582** |

# БОБИ 1. ҲОЛАТИ УМУМӢ ВА ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ВОҚЕЪИИ ШАҲРИ ҲИСОР

## 1.1. Тақсимоти маъмуриву ҳудудӣ.

Шаҳри Ҳисор дар маркази Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шаҳри Душанбе дар масофаи 18 км дар самти ғарб ҷойгир буда он бо ноҳияҳои Шаҳринав, Рӯдакӣ, Варзоб ва вилояти Сурхандарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳамсарҳад аст. Масоҳати умумии шаҳр 975,1 км$^2$ –ро ташкил медиҳад. Аз ҳудуди шаҳр шоҳроҳи сатҳи байналмилалии Душанбе - Турсунзода ва роҳи оҳан мегузарад. Ба ҳайъати маъмурии шаҳр ду ҷамоати шаҳрак (шаҳраки Ҳисор ва Шарора) ва 10 ҷамоатҳои деҳот дохил мебошад. Маркази маъмурии он шаҳраки Ҳисор аст.




## 1.2. Маълумоти таърихӣ.

Сарчашмаҳои таърихӣ собит месозанд, ки шаҳри Ҳисор дар гузаштаи қадим ҳамчун қаламрави дорои тамаддуни пешрафта, маркази бузурги тиҷоратӣ, фарҳангӣ, маъданӣ ва яке аз нуқтаҳои муҳими роҳи абрешим буд. То забти арабҳо ҳудуди шаҳр ҳамчун маркази маъмурии давлатҳои Аҳорун ва Шумон маҳсуб меёфт.

Тибқи маълумотҳои таърихӣ аҳолии шаҳр дар давраи хукмронии хилофати араб, аваллин маротиба дини исломро қабул кардааст. Дар асрҳои 9-10 бошад шаҳр ба ҳайати давлати Сомониён шомил шуд.

Аз асри 11 то аввали асри 19 шаҳр дар ҳайати давлати туркӣ-муғулӣ ва дар асрҳои 19-20 бошад ҳамчун қисмати шарқии Аморати Бухоро арзи вуҷуд дошта, яке аз бузургтарин марказҳои тиҷоративу мадании он ба ҳисоб мерафт.

Дар водии Ҳисор соли 1921 ҳукумати Шӯравӣ барқарор шуд ва 29 январи соли 1932 Ҳисор ҳамчун ноҳия алоҳида таъсис ёфт. Ҳисор аз 3 марти соли 2016 мақоми шаҳрро гирифт.

### 1.3. Маълумоти ҷуғрофӣ.

Шаҳр дар водии Ҳисор ҷойгир буда, аз тарафи шимол, бо ноҳияи Айнии вилояти Суғд, аз тарафи ғарб - бо ноҳияи Шаҳринав, аз тарафи ҷануб - бо ноҳияи Рӯдакӣ ва аз шарқ - бо ноҳияи Варзоб ҳаммарз мебошад. Қаламрави шаҳрро аз тарафи шимол ба тарафи ҷануб дарёи Ҳонақо ва аз тарафи шимолу шарқ ба тарафи ҷанубу ғарб канали калони Ҳисор ва дарёи Кофарниҳон убур мекунад. Илова бар ин шаҳрро аз тарафи шимол қаторкӯҳҳои Ҳисор, аз ҷануб кӯҳҳои Ғозималик ва аз ҷанубу – ғарб кӯҳҳои Боботоғ иҳота кардаанд. Қуллаи баландтарини қаторкӯҳи Ҳисор дар баландии 4300 метр қарор доранд. Масофаи дуртарин аз шимол ба ҷануб 90 км ва аз шарқ ба ғарб 34 км тӯл кашидааст.

Тибқи маълумотҳо қаламрави шаҳр вобаста аз мавзеи ҷойгиршавӣ дар баландии 600-2700 м ҷойгир аст. Давомнокии рӯзҳои гарм дар шаҳр ба ҳисоби миёна 220-240 рӯзро ташкил медиҳад. Ҳарорати миёнаи ҳаво дар тобистон то +35 +40$^0$ С гарм ва зимистон бошад то -15$^0$ С хунук мешавад. Миқдори боришоти солона 600-800 мм-ро ташкил медиҳад.

Дар шаҳр қариб ҳамаи намудҳои дарахтони зиннатбахшу мевадор (себ, нок, олу, чормағз, олуча, зардолу, шафтолу, хурмо, анор, анҷир, ангур, тут, гелос, заранг, бодом, фарк), растаниҳои даштӣ ва бешадаштӣ мерӯянд. Минтақаҳои қаторкуҳҳои Ҳисор, ки аз сатҳи баҳр дар баландии 1000 метр қарор доранд, барои парвариши беҳтарин навъҳои ангур ва махсусан ангури тойфӣ, себу нок ва дигар меваҳо хело ҳам мувофиқ мебошад. Умуман олами набототу ҳайвоноти шаҳр гуногун буда, барои рушди соҳаи сайёҳӣ хело ҳам мувофиқ мебошад.

### 1.4. Захираҳои табиӣ.

Шаҳри Ҳисор дорои захираҳои бойи табиӣ мебошад. Дар қаламрави он намаки ошӣ, ангиштсанг, санги мармар, маводҳои сохтмонӣ, оҳаксанг, хоки кӯлолӣ, қуму шағал, нафт, газ ва дигар канданиҳои фоиданок ва обҳои маъдании шифобахш (Шоҳамбарӣ, Сангчашма) мавҷуд аст.

### 1.5. Вазъи демографии шаҳр.

Дар соли 2020 аҳолии шаҳри Ҳисор 322433 нафарро ташкил дода аз он 160965 нафарро мардҳо (49,9 %) ва 161468 ҳазор нафарро занҳо (50,1 %) ташкил медиҳанд. Дар соли 2020 суръати миёнаи афзоиши солонаи аҳолӣ 2,2 фоиз ва зичии аҳолӣ 302,4 нафарро дар 1 км$^2$ ташкил додааст.

Асоси иқтисодиёти шаҳрро соҳаи кишоварзӣ ташкил дода 85,7 фоизи аҳолӣ он дар деҳот ва 14,3 фоизи он дар шаҳр истиқомат мекунанд. Ҳайъати этникии шаҳрро 87 % тоҷикон, 10 % узбекон ва 3 % онро дигар миллатҳо ташкил медиҳанд.

## БОБИ 2. ШАҲРИ ҲИСОР ДАР СОЛИ 2025

### 2.1. Татбиқи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Ҳисор барои солҳои 2018-2020.

Барои расидан ба ҳадафҳои гузоштаашудаи барномаи мазкур ва иҷроиши чорабиниҳои он тибқи нақша бо ҷалби ҳамаи манбаҳои имконпазири маблағгузорӣ 502,9 млн сомонӣ пешбини шуд, ки аз он 79,8 млн сомонӣ (48,6%) аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ 23,8 млн сомонӣ (28%) аз ҳисоби бучети маҳаллӣ, 49,4 млн сомонӣ (30,1%) сармояи хориҷӣ ва 328,3 млн сомонӣ (89%) аз ҳисоби маблағҳои бахши хусусӣ ташкил дод.

Тибқи мониторинги гузаронидашуда иҷроиши Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Ҳисор аз рӯи маблағгузорӣ 70 фоизро ташкил дод. Аз 183 лоиҳаҳои пешбинишудаи барнома бошад 56 лоиҳа пурра амалӣ гардида, 80 тои он тамоман иҷро нашуд ва иҷроиши 47 лоиҳа бошад то ҳол идома дорад.

Ичроиши барнома дар соҳаи саноат 164 фоиз, кишоварзӣ 86 фоиз, соҳибкории хурду миёна 82 фоиз, сохтмон 23 фоиз, маориф 64 фоиз, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ 132 фоиз, соҳаи фарҳанг, сайёҳӣ ва варзиш 45 фоиз, таъминот бо оби нӯшокӣ 9 фоиз, хоҷагии манзилию коммуналӣ 4 фоиз, таъминоти барқ ва газ 18 фоиз, нақлиёт ва хоҷагии роҳҳо 36 фоиз, ҳифзи муҳити зист ва ҳолатҳои фавқуллодда 6 фоиз ва дар таъминоти захиравӣ 21 фоиз таъмин гаштааст.

Ичроиши лоиҳаҳо аз ҳисоби сарчашмаҳои маблағгузорӣ тамоюли гуногун дошта, аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ 49 фоиз, буҷети маҳаллӣ 28 фоиз, соҳибкорон, шаҳрвандон ва маблағҳои худӣ 89 фоиз ва аз ҳисоби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ 30 фоизро таъмин намудааст, ки таносуби он нисбат ба маблағи умумии хароҷотшуда, ки 352 млн, 467 ҳазор сомониро ташкил менамояд, саҳми буҷети ҷумҳуриявӣ 11 фоиз, буҷети маҳаллӣ 1,9 фоиз, соҳибкорон, шаҳрвандон ва маблағҳои худӣ 82,8 фоиз ва саҳми сармояи дохилӣ ва хориҷӣ 4,3 фоизро ташкил менамояд, ки ин нишондиҳандаҳо аз фаъол будани бахши соҳибкорон, шаҳрвандон ва маблағҳои худӣ дар сатҳи шаҳр дарак медиҳад.

Дар натиҷаи татбиқи барномаи мазкур дар зарфи 5 соли охир таъсиси ҷойҳои нави корӣ 21866 ададро ташкил дод, ки аз он 10827 адад ҷойи кори доимӣ, 2710 адад муваққатӣ, 8175 адад мавсимӣ ва 154 ададашро ҷойи кори барқароршуда ва иловагӣ мебошад. Аз шумораи умумии ҷойҳои кории навтаъсис 1479 адад ба соҳаи саноат, 815 адад сохтмон, 7665 адад кишоварзӣ, 640 адад нақлиёт ва алоқа, 568 адад маориф, 61 адад тандурустӣ, 6817 адад савдо ва хизматрасонӣ, 244 адад манзилию комуналӣ ва 3577 адад ба дигар соҳаҳо тааллуқ дорад.

Яке аз нишондиҳандаҳои асосии соҳаи иқтисодиёт ин таъминоти сабади истеъмолии аҳолии шаҳр буда, бо дарназардошти афзоиши босуръати аҳолӣ, ки ҳамасола аз 3 то 5 фоизро дарбар мегирад, барои таъмини талаботи физиологии ҳар як нафар дар шаҳр 17 намуди маводи ғизоӣ истеҳсол карда мешавад. Дар муддати татбиқи Барнома таъминоти талаботи физиологии аҳолии шаҳр бо орди гандум 28 фоиз, равғани растанӣ 15 фоиз, равғани пахта 27 фоиз, картошка 49 фоиз, пиёз 5 баробар, помидор 117 фоиз, сабзӣ 34 фоиз, карам 62 фоиз, бодиринг 49 фоиз, мевагиҳо 89 фоиз, ангур 2 баробар, гӯшт 20 фоиз, шир 75 фоиз, тухм 19 фоиз, асал 4 фоиз ва бо гӯшти моҳӣ 0,3 фоиз таъмин гардида, новобаста аз суръати афзоиши шумораи аҳолӣ таъминоти меъёри физиологӣ нисбат ба соли 2017 равғани пахта 9 фоиз, картошка 15 фоиз, пиёз 2 баробар, помидор 42 фоиз, сабзӣ 17 фоиз, карам 30 фоиз, бодиринг 22 фоиз ва тухм 11 фоиз афзоиш дода шудааст. Аз маҳсулотҳои истеҳсолшаванда бар замми таъминоти меъёри физиологии аҳолӣ ба хориҷи кишвар ду намуди маҳсулот пиёз ва ангур содирот карда мешавад.

Дар ин раванди татбиқи Барнома ҳаҷми истеҳсоли пахта то ба 4749 тонна расонида шуд, ки ин нисбат ба соли 2015 ба миқдори 3583 тонна зиёд аст. Рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар шаҳри Ҳисор яке аз ҳадафҳои асосӣ ба шумор рафта то ин давра дар асоси барномаҳои соҳавӣ боғпарварони шаҳр дар майдони 2103 гектар бунёди боғу токзорҳои навро ба роҳ мондаанд, ки ин нишондиҳанда 71 фоизи барномаро таъмин намуда, аз майдонҳои бунёдгашта 1293 гектарашро боғзор ва 810 гектарро токзор ташкил менамояд.

Дар шаҳр ҳамасола бо дарназардошти зиёд гардидани майдони боғу токзорҳо ҳаҷми истеҳсоли мева ва ангур низ тамоюли зиёдшавӣ дошта, дар солҳои охир истеҳсоли мева то ба 25000 тонна ва истеҳсоли ангур то ба 35000 тонна расонида шуда истодааст. Асоси истеҳсоли ангур дар шаҳр навъи тоифӣ буда, ҳамасола ба хориҷи кишвар зиёда аз 25000 тонна содирот карда мешавад.

Шумораи гармхонаҳои ба парвариши сабзавотҳо машғулбуда ба 13 адад ва лимупарваришгоҳҳо ба 59 адад расонида шуд, ки аз ин парваришгоҳҳо бо дарназардошти истифодаи доимӣ ҳамасола 400 тонна сабзавот ва 100 тонна лиму истеҳсол мегардад.

Дар ҳудуди шаҳр ҷиҳати кам кардани талафот ва нигаҳдории меваю сабзавот дар зарфи 5 соли охир 15 адад сардхонаҳои замонавӣ бунёд карда шудааст, ки барои ҷойгиркунонии зиёда аз 6185 тонна маҳсулоти кишоварзӣ имконият дошта, ҳамасола аз 5500 тонна зиёд маҳсулотҳои кишоварзӣ захира карда мешаванд.

## 2.2. Тарафҳои қавӣ, заиф, имкониятҳо ва хатарҳо (SWOT – таҳлили шаҳри Ҳисор)

| Тарафҳои қавӣ | Тарафҳои заиф |
|---|---|
| – Мавҷуд будани захираҳои табиӣ<br>– Мавқеи хуби ҷуғрофӣ доштани шаҳр;<br>– Мавҷуд будани роҳи оҳан ва роҳи мошингард; | – Набудани маблағ барои омӯзиш ва коркарди захираҳои табиӣ;<br>– Бо иқтидори пурра фаъолият накардани |

| | |
|---|---|
| – Мавҷуд будани корхонаҳои калони саноатӣ ва корхонаҳои хурду миёна;<br>– Мавҷуд будани базаи истеҳсолӣ (барои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, сангҳои ороишӣ, масолеҳи сохтмонӣ, пӯсту пашм);<br>– Шароити хуби иқлимӣ барои парвариши кулли зироатҳои кишоварзӣ;<br>– Мавҷуд будани заминҳои обӣ ва заминҳои лалмӣ барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва бунёди боғҳои нав;<br>– Мавҷуд будани дарёҳо барои рушди соҳаи барқ (НОБ) ва чашмаҳои мусаффо барои таъмини оби нӯшокию полезӣ;<br>– Мавҷуд будани табиати гуногун-ранги ҷалбкунанда ва чашмаҳои шифобахш;<br>– Мавҷуд будани осоишгоҳои табобатӣ (Шоҳамбарӣ, Сангчашма, Юнусхоҷа);<br>– Захираи зиёди чарогоҳҳо ва шароити хуби иқлим барои рушди чорводорӣ;<br>– Мавҷуд будани фермаҳои парвариши чорвои хушзот;<br>– Мавҷуд будани захираҳои мех-натии озод ва арзон дар ша[р;<br>– Вуҷуд доштани ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ (асрҳои II-VII);<br>– Дастрас будани инфросохтори аввалиндараҷа;<br>– Шароити мусоид барои рушди соҳибкории хурду миёна (мавҷудияти бонкҳо ва ташкилотҳои қарздиҳандаи хурд);<br>– Таъсис додани корхонаҳои муштарак ва ворид намудани таҷҳизот ва технологияи муосир барои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, маъданҳои кӯҳӣ ва масолеҳи сохтмонӣ. | корхонаҳои саноатӣ ва шумораи маҳдудии корхонаҳои хурду миёна;<br>– Пурра коркард нашудани ашёи хоми маҳаллӣ;<br>– Фарсуда ва корношоям шудани пойгоҳҳои обкаш (насосҳои обкаш) ва дастрас набудани оби полезӣ;<br>– Дастрасии пурра надоштан ба оби тозаи нӯшокӣ;<br>– Дастрас набудани тухмии баландсифат барои парвариши зироатҳо ва сари вақт истифода набурдани нуриҳои минералӣ (бо сабабаи зиёдшавии арзиши он);<br>– Дарёфт нашудани маблағ барои бунёди нерӯгоҳҳои хурд;<br>– Набудани брошураҳои алоҳида, буклетҳо ва суст ба роҳ мондани кори тарғиботиву реклама оид ба ёдгориҳои таърихӣ, фарҳангӣ, сайёҳӣ ва чашмаҳои шифобахш;<br>– Паст будани хизматрасонӣ ва ба талаботи санитарӣ ҷавобгӯ набудани осоишгоҳои табобатӣ<br>– Паст будани сатҳи фаъолияти хадамоти бойторӣ ва набудани биноҳои бойторӣ дар маркази ҷамоатҳои деҳот;<br>– Набудани нуқтаҳои бордоркунии сунъии чорвои хушзот;<br>– Набудани ҷойҳои кори доимӣ ва музди меҳнати ночиз;<br>– Аз ҳудуди ша[р берун рафтани кадрҳои баландихтисос;<br>– Таъмирталаб будани роҳҳои маҳаллӣ, иншоотҳои обтаъминкунӣ ва шабакаҳои барқтаъминкунӣ;<br>– Баланд будани фоизи қарзи бонкӣ барои рушди соҳибкорӣ.<br>– Сатҳи пасти ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ барои рушди иқтисодиёти ша[р;<br>– Набудани шароит барои ҷалби сармоягузорӣ. |
| **Имкониятҳо** | **Хатарҳо** |
| – Мавҷуд будани барномаҳои соҳавӣ дар сатҳи миллӣ;<br>– Бунёди корхонаи металургӣ барои таъмини эҳтиёҷоти заводи арзизи тоҷик (ТАЛКО); | – Боло рафтани сатҳи таваррум;<br>– Баланд шудани нархи сӯзишворӣ ва тарифҳои хадамотӣ;<br>– Паст шудани арзиши пахта дар бозори ҷаҳонӣ;<br>– Ба вуҷуд омадани офатҳои табиӣ (сел, ярч, жола, обхезӣ, заминларза, боронгарии зиёд);<br>– Обхезии дарёҳои Кофарниҳон, Хонақоҳ ва шусташавии заминҳои назди соҳил;<br>– Бодхӯрӣ ва вайроншавии заминҳои киштшаванда;<br>– Паҳн шудани ҳашаротҳои зараррасон ва дигар касалиҳо;<br>– Авҷ гирифтани бӯҳрони молиявию иқтисодӣ ва таъсири он ва ба иқти-содиёти ша[р;<br>– Кам шудани интиқоли сармоя аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ;<br>– Авҷ гирифтани бемори[ои сироятb (ба монанди COVID-19 ) |

## 2.3. Биниши рушд.

Шаҳри Ҳисор дар соли 2025 ба маркази мунтазам рушдёбандаи тиҷоратӣ, саноативу кишоварзӣ, фарҳангиву фароғатӣ ва саёҳатии кишвар табдил хоҳад ёфт, ки аз ҳисоби он буҷети маҳаллӣ ба таври назарас меафзояд ва боиси беҳтар шудани суғуртаи иҷтимоии аҳолӣ, баланд шудани музди маоши кормандони буҷетӣ, таъсиси ҷойҳои нави кории пурмаҳсул, беҳтар шудани хизматрасониҳо ва инфрастохтори соҳаҳои иҷтимоӣ мешавад. Рушди тиҷорат дар самти фурӯши маҳсулоти сохтмонӣ, саноатӣ ва кишоварзӣ идома меёбад. Иқтидорҳои саноатии аз кор бозмонда тавассути ҷалби сармояи мустақими ватаниву хориҷӣ барқарор ва таҷдид карда мешаванд. Саноат дар самти истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ, мошинсозӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, хӯрокворӣ инкишоф меёбад. Дар рушди соҳаи саноат истеҳсолоти иноватсионии саноатӣ нақши асосиро иҷро менамояд. Мақомоти маҳаллӣ дар соли 2025 ҷиҳати рушди минтақаҳои маҷмӯии саноатӣ ва озоди иқтисодӣ кӯшиш менамояд ва заминаи институтсионалӣ ва инфрасохтории онро ташаккул медиҳад.

Сармягузорони маҳаллӣ ҷиҳати таъсиси корхонаҳои истеҳсолии технологияи баланд таваҷҷу зоир менамоянд. Тадбирҳои дар соҳаи саноат пешбинигардида имконият медиҳанд, ки то соли 2025 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 2,7 баробар (бо нархҳои ҷорӣ) зиёд гашта, беш аз 1000 ҷойи кори доимӣ ва 1500 ҷойи кори мавсимӣ ташкил гардида, барои таъмини вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул, тавассути саноаткунонӣ заминаи мусоид фароҳам оварда шавад.

Кишоварзӣ дар ин давра вобаста ба талаботи имрӯзаи аҳолии кишвар ва таъмини сабати истеъмолӣ, инчунин бо дар назардошти ба ҳосил даромадани боғу токзорҳои истеҳсоли меваю ангур, сабзавотҳо, зироатҳои техникӣ, махсусан пахта ва шолӣ нисбатан рушд меёбад. Афзалиятҳои содиротии кишоварзӣ аз маҳсулотҳои сабзавотӣ, нахи пахта, меваю ангур, аз ҷумла ангур, гелос, олу, пиёз, карам, помидор боқӣ мемонад. Дар шаҳр бунёди гармхонаҳои иноватсионӣ дорои иқтидори содиротӣ бо суръат рушд меёбанд. Хоҷагиҳои деҳқонии пешрафта ба технологияҳои нави парвариши зироатҳо ва чорводорӣ бештар таваҷҷуҳ зоир менамоянд ва истеҳсолотро пеш мебаранд. Чорводорӣ дар самти парвариши ЧКШ гуштиву ширӣ, чорвои майда ва парандапарварӣ инкишоф меёбад. Илова бар ин дар шаҳр занҷираи арзиши иловашуда дар самти таъминоти модиву техникӣ ва воситаҳои истеҳсолии соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла банду баст, сардхонаҳо, амборхонаҳо, нақлиёт, таъмини нуриҳои минералӣ ва органикӣ, заҳру химикатҳо, техникаи кишоварзӣ, шабакаи миёнаравҳои фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ, логистикаи муосир, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва ғайраҳо инкишоф меёбад. Рушди соҳаи кишоварзӣ тавассути беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишт, воридоти усулҳои самараноки таъминоти оби полезӣ (обёрии қатрагию боронӣ), риояи қойдаҳои киштгардон, воридоти технологияҳои таъмини бехатари озуқаворӣ, истеҳсолоти интенсивӣ, ба роҳ монда мешавад.

Дар соли 2025 рушди маркази маъмурии шаҳр дар асоси анъанаҳои пешрафтаи шаҳрсозиву шаҳрдорӣ ба роҳ монда шуда, дар он тамоми шароитҳои муосири зисту зиндагонии аҳолӣ таъмин карда мешавад. Дар ин самт фазои мусоиди соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ бо низоми мутамарказ ба шарикии бахши давлативу хусусӣ фароҳам оварда мешавад. Дар шаҳр фаъолияти автобусҳо ва нақлиёти мусофиркашии шаҳрӣ таъмин шуда, боғу гулгаштҳо марҳила ба марҳила таъсис дода мешаванд. Шаҳрсозӣ дар асоси анъанаҳои пешрафта ва бехатарии меъморӣ бо истифода аз усулҳои миллии ороишӣ, меъёр ва стандартҳои сохтмонӣ, экологӣ, санитариву эпидемиологи  ба роҳ монда мешавад. Шаҳракҳои нав дорои ҳамаи инфрасохтори иҷтимоӣ, фарҳангиву фароғатӣ ва варзиши буда, дар он нуқтаҳои замонавии фурӯши маҳсулоти хӯроквории бехатар ва молу таҷҳизот барои зисту зиндагонии бемайлонаи аҳолӣ таъмин карда мешавад. Дастрасии арзиши манзилҳои сохташуда ва шароити муосир, шаҳрвандони дигар шаҳру ноҳияҳоро ба худ ҷалб карда, сабаби афзоиши фурӯши манзилҳо ва даромади корхонаҳои сохтмонӣ ва бозорҳои фурӯши масолеҳи сохтмонӣ мешаванд. Роҳҳои маҳаллӣ ва байнихоҷагиҳо 30 дарсад асфалтпӯш шуда, шароити зисту зиндагонии аҳолӣ тавасути беҳтар шудани дастрасии онҳо ба оби нӯшокӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ таъмин карда мешавад.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр ҷиҳати рушди бахши соҳибкории хурду миёна ва фароҳам овардани иқлими мусоид барои сармоягузориҳо кӯшиш ба харҷ медиҳад. Таваҷҷуҳи махсус баҳри ҳавасмандгардонии аҳолӣ ҷиҳати ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорӣ, фароҳам овардани шароити мусоид оид ба дастгирии соҳибкорони нав, дастрасии онҳо ба маблағҳои камфоизи қарзӣ, замин, инфрасохтор, машварат ва омӯзишҳо доир ба таҳия намудани бизнес нақшаҳо, идоракунии моилявӣ, андозбандӣ ва ғайраҳо дода мешавад. Дар шаҳр таъсис додани корхонаҳои хурди истеҳсолӣ оид ба истеҳсоли маводҳои сохтмон, маҳсулоти хӯрокворӣ, коргоҳҳо оид ба тайёр намудани доруҳои мухталиф аз гиёҳҳои шифобахши кӯҳии минтақа, ташкили ширкатҳои сайёҳии кӯҳнавардӣ ва экологию этнографӣ, барои рушди иқтисодиёти шаҳр муфид буда, инкишофи минбаъдаи истеҳсолоти обҳои ташнашикан доруворӣ ва масолеҳу маводҳои бинокорӣ (семент, гаҷ, оҳак, хишт, маснуоти оҳану бетон, профил, варақаҳои металлӣ, бомпӯш, маводҳои пардозгарӣ ва рангу бор ва ғайра) имкониятҳо фароҳам оварда мешавад. Илова бар ин, ҷиҳати дуруст истифода кардани маблағҳои аз муҳоҷирати меҳнатӣ ба даст омадаи шаҳрвандон ва равона сохтани онҳо ҷиҳати ташкили фаъолияти соҳибкорӣ дар самти кишоварзӣ ва агробизнес корҳои фаҳмондадиҳӣ ва грантҳои ҳиссавӣ пешниҳод карда мешаванд. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр дар ин самт ҷиҳати дастгирии соҳибкорони шаҳр ҳамкориҳои судмандро бо ташкилотҳои байналмилалӣ, шарикони рушд ва сармоягузорон дар сатҳи баланд ба роҳ мемонад.

Сифати таълим дар муассисаҳои таълимӣ хуб ба роҳ монда шуда, он ба беҳтар шудани саводнокии аҳолӣ ва таъмингари бозори меҳнат оварда мерасонад. Муассисаҳои тандурустӣ дорои инфрасохтори муосир, таҷҳизоти замонавии ташхисӣ, табобативу муолиҷавӣ, кадрҳои баландихтисос шуда, сабаби беҳтар шудани солимии аҳолӣ ва махсусан модару кӯдакон мешавад. Низоми тандурустӣ марҳила ба марҳила аз услуби табобативу муолиҷавӣ ба услуби пешгирии бемориҳои иҷтимоан муҳим ва ташаккули тарзи ҳаёти солим роҳандозӣ мешавад. Соҳаи сайёҳӣ ба яке аз сарчашмаҳои асосии даромади аҳолӣ табдил дода, шуда он тавассути дастгирии бевоситаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр ва чамоатҳои шаҳраку деҳот ба роҳ монда мешавад. Сайёҳӣ дар самтҳои мухталиф рушд меёбад, аз ҷумла саёҳати таърихиву фарҳангӣ, табобативу солимгардонӣ, сайёҳии рекреатсионӣ, агросайёҳӣ, сайёҳии экологӣ, кемпинг, сайёҳии варзишӣ, сайёҳии гастрономӣ ва ғайра, ки солона то 0,5 млн. сайёҳони дохилӣ ва байналмилалиро ба худ чалб мекунад. Илова ба ин, инфрасохтори сайёҳӣ дар сатҳи назаррас рушд ёфта, ба талаботҳои байналмилалӣ мутобиқ карда мешавад. Дар шаҳр кластери сайёҳӣ мунтазам рушд ёфта он тавассути диққати махсуси мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр ва дастгирии бевосита ба ривоҷи нуқтаҳои рушди сайёҳӣ аз ҷумла, Мамнуъгоҳи таърихии Ҳисор, маҷмӯи тарабхонаҳо дар шаҳраки хӯрокҳо “Ҳисор-Фуд сити” воқеъ дар деҳаи Ҳаёти нави Ҷамоати деҳоти Ҳисор, осоишгоҳҳои Шоҳамбарӣ, Хирманак, Шамал ва ғайра суръат мегирад. Дар баробари рушди сайёҳӣ ҳунарҳои мардумӣ низ инкишоф меёбад. Дар шаҳри Ҳисор низоми муосири идоракунии хатари офатҳои табиӣ ба роҳ монда мешавад, ки он ҷиҳати пешгирии офатҳои табииву техногенӣ таъсири мусбӣ расонида, сабаби рушди устувори шаҳр мешавад. Сол то сол саводнокии аҳолии шаҳр оид ба масъалаҳои ҳифзи муҳити зист баланд шуда, ҳуқуқвайронкуниҳо дар ин самт коҳиш меёбанд. Дар шаҳр ҳуқуқи ҳамаи қишрҳои аҳолӣ, аз ҷумла зану мард, кӯдакон, шахсони бепарастору барҷомонда, маъюбон, муҳоҷирони меҳнатии дохиливу хориҷӣ баробар таъмин карда мешавад. Ҳамаи шаклҳои зӯровариҳо нисбати занону духтарбачагон саривақт пешгирӣ карда мешаванд. Дар соли 2025 сатҳи зиндагии аҳолии шаҳр ба таври назаррас афзуда, сифати зиндагии онҳо боиси хушбахтӣ, сулҳу субот, файзу баракат ва муваффақиятҳои нав ба нави онҳо мешавад.

Ҳисор - шаҳри муосиру замонавӣ, устувору иноватсионӣ, ба тағйироти иқлим ва офатҳои табиӣ тобовар, маркази муҳими рушди соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, дурдонаи ҷолиби сайёҳӣ ва “Роҳи абрешим”, ки дар он ҳамаи шароитҳои замонавии иҷтимоӣ, тиҷорат, савдову хизматрасониҳо, ҳуқуқ ва манфиатҳои зану мард дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шуда, боиси некӯавҳолии онҳо гаштааст.

**Ҳадафи асосӣ:** (афзалияти СМР 2030 ва ҲРУ):- баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми шаҳр тавассути таъмини рушди иқтисодию иҷтимоӣ.

# БОБИ 3. РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДИЁТ

## 3.1. Саноат

Саноат яке аз соҳаҳои асосии истеҳсолот буда, ба рушди устувори иқтисодиёти шаҳри Ҳисор таъсири ҳалкунанда мерасонад ва заминаи асосӣ барои расидан ба ҳадафи чоруми стратегии кишвар, яъне саноатикунонии босуръати ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад

Тибқи маълумотҳои расмӣ дар шаҳр соли 2020 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 261,7 мил. сомонӣ баробар гардид, ки он нисбати нишондиҳандаҳои соли 2015 4 маротиба (70,4) афзоиш ёфтааст. Афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар пасманзари ба кор даровардани иқтидорҳои нав ва навсозии корхонаҳои мавҷуда ба амал меояд. Тибқи маълумотҳои расмӣ дар соли 2020 дар шаҳр 74 корхона фаъолият дошт, ки ин нишондиҳанда дар соли 2015 ба 52 корхона баробар буд. Номгӯи маҳсулоти саноатии истеҳсолшаванда дар ин давра аз 56 адад ба 79 номгӯ расид. Айни замон дар ҳамаи шаклҳои корхонаҳои истеҳсоливу саноатии шаҳр ҳамагӣ 1225 нафар бо кори доимӣ машғул мебошанд.

Корхонаҳои саноатии шаҳри Ҳисор асосан дар самти истеҳсол ва коркарди маҳсулоти саноати сабук (ришта, сару либос, нахи пахта, симтур, маҳсулоти заргарӣ), маҳсулоти хӯрокворӣ (оби нӯшокӣ, маҳсулоти қаннодӣ, маҳсулоти ширӣ, нӯшокии машруботӣ, оби ҷав), маҳсулотҳои нафт (истихроҷи нафт, истеҳсоли асфалт), маводҳои сохтмонӣ (маҳсулоти бетонӣ, хишти пухта, хишти сементӣ, қуму шағал, бомпӯшҳои азбестӣ, қубурҳои металли қутрашон гуногун, кунҷакҳои оҳанӣ, сақфҳои ороишӣ, пенопласт, дару тирезаҳои чубин ва пластикӣ) фаъолият менамоянд.

**Мушкилотҳои асосии соҳаи саноат:**

- нокифоя будани муносибати ягона ва рушди технопаркҳо, минтақаҳои саноатии дорои инфрасохтори замонавӣ;
- норасоии музмини энергия ва таъминоти устувори он;
- сатҳи пасти ҳамкорӣ ва ҳамгироии дохилӣ, байнисоҳавӣ, байниминтақавӣ, набудани рушди муносибатҳои кластерӣ;
- сатҳи пасти рушд, рақобатпазирии нокофӣ ва диверсификатсияи сусти саноати коркард;
- норасоии мутахассисони баландихтисос, ба монанди менеҷерони сатҳи баланд ва менеҷменти миёна;андешида нашудани чораҳои зарурӣ оид ба кор даровардани онҳо;
- аз кор бозмондани баъзе аз корхонаҳои саноатӣ ва набудани чораҷӯиҳо оид ба кор даровардани онҳо (Корхонаи дӯзандагии Шарофат, корхонаи машруботи спиртии “Сойшира”, Корхонаи консервабарорӣ, ва ғайраҳо) ;

- суст будани ҷалби сармоягузориҳои мустақими дохилӣ ва хориҷӣ;
- норасоии воситаҳои гардиши корхонаҳо ва фоизи баланди қарзҳои бонкӣ;
- ақибмонии техникӣ ва технологии истеҳсолот дар баъзе аз корхонаҳо, дараҷаи баланди фарсудашавии маънавӣ ва моддии таҷҳизотҳои саноатӣ ва кишоварзӣ ва иншооти инфрасохторӣ дар шароити болоравии нархи манбаҳои энергия ва дигар воситаҳои моддию техникӣ;
- истифодаи нокифоя ва ғайрисамараноки захираҳои мавҷуда (аз ҷумла, захираҳои меҳнатӣ, табиӣ ва ашёи хоми маҳаллӣ) ва ба роҳ мондани коркарди ниҳоии ашёи хом;
- истифода нагаштани унсурҳои маркетинг барои таъмини фаъолияти самараноки корхонаҳо.

Ҳадаф ва вазифаҳои соҳаи саноат:

**Ҳадаф:** - баланд бардоштани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва фароҳам овардани ҷойҳои корӣ;

**Вазифаи 1:** - таъсис ва ба истифода додани "Парки технологии инноватсионии шаҳри Ҳисор;

**Вазифаи 2:** - бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ ва таҷдиди иқтидорҳои мавҷуда.

## 3.2. Соҳибкории хурду миёна ва Шарикии давлат ва бахши хусусӣ

### 3.2.1 Ҳолати кунунӣ.

Соҳибкории хурду миёна заминаи асосии рушди соҳаҳои иқтисодиёт маҳсуб ёфта, дар ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ дар истеҳсолот, муҳаё намудани ҷойҳои нави корӣ ва таъмини самаранокии идоракунии равандҳои иқтисодӣ ва таъмини бозори истеъмолӣ нақши муҳим дорад. Саҳми бахш, инчунин дар рушди иқтисодиёти шаҳр, махсусан дар рушди инфрасохтори аввалиндараҷа, идомаи корҳои бундёкорию созандагӣ, беҳтар намудани ҳолати хизматрасониҳо дар соҳаҳои гуногун, рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт ва дар ин замина таъсис додани ҷойҳои нави корӣ назаррас мебошад.

Фаъолияти соҳибкории хурду миёна дар шаҳри Ҳисор бештар дар соҳаҳои кишоварзӣ, тиҷорат ва хизматрасониҳои маишӣ ба назар мерасад. Тибқи маълумотҳо дар солҳои 2015-2020 шумораи шаҳрвандони тибқи патент ва шаҳодатнома фаъолияти меҳнатӣ дошта ба 520 нафар зиёд шудааст.

**Маълумот оид ба шумораи соҳибкорони хурду миёна дар шаҳри Ҳисор дар ҷамъбасти соли 2020**

| Номгӯй | Намуди фаъолият тариқи: | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Шаҳодатнома | Шахси ҳуқуқӣ | Хоҷагии деҳқонӣ | Патент | Ҳамагӣ |
| Шаҳри Ҳисор | 1040 | 860 | 4010 | 2879 | 8789 |

Ҳиссаи бахши соҳибкорӣ дар ташаккули қисми даромади буҷети маҳаллӣ дар ду соли охир аз 6,5 то 7,6 фоиз зиёд шудааст.

Дар соли 2020 дар шаҳри Ҳисор аз ҳисоби соҳибкорон зиёда аз 15 млн. сомонӣ маблағи андоз ба буҷет ворид гардидааст.

### 3.2.2. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ.

Дар шаҳр то айни замон ягон лоиҳа дар самти ШБДХ амалӣ нашудааст. Тибқи таҳлилҳо бармеояд, ки дар самти истифодаи имкониятҳои ШБДХ иқтидори маҳаллӣ дар сатҳи паст қарор дошта, огоҳии сохторҳои масъули МИҲД дар ин масъала маҳдуд мебошад.

### 3.2.3. Хизматрасониҳо барои рушди соҳибкорӣ.

Дар рушди соҳибкории хурду миёна фаъолияти намояндагиҳои бонкҳо ва ташкилотҳои амонатию қарздиҳии хурд мавқеи хоссаро ишғол менамояд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки шумораи бонк ва филиалу марказҳои хизматрасонии ташкилотҳои хурди қарзӣ дар шаҳри Ҳисор дар соли 2020 18 ададро ташкил медиҳад. Айни ҳол, дар шаҳри Ҳисор филиалҳои ҶСК «Ориёнбонк», Бонки давлатии амонатгузории «Амонатбонк», ҶСК «Бонки Эсхата», ҶСК «Коммерсбонк» ва ҶСП "Бонки Байналмиллалии Тоҷикистон" фаъолият доранд. Дар баробари ин, Фонди қарзии хурди «Имон-интернейшнл», ТҚХ «Финка», "Арванд" ва "Ҳумо" дар ҳудуди шаҳр ба амалиётҳои бонкӣ машғул мебошанд.

Дар давоми солҳои 2015-2020 дар шаҳри Ҳисор аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ дар ҳаҷми 2,4 млрд. сомонӣ қарзҳо пешниҳод шудааст, ки аз он танҳо 843,6 миллион сомонӣ барои таъиноти истеҳсолӣ ва рушди соҳибкорӣ равона шудааст.

**Мушкилотҳои самти соҳибкории хурду миёна, Шарикии давлат ва бахши хусусӣ:**

- рушди нокифояи инфрасохтори дастгирии рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузориҳо;
- расмиёти ҳоло ҳам мураккаби маъмурикунонии андоз ва хароҷоти баланди пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ;
- аз ҳад зиёд будани расмиёти маъмурӣ, ки барои ҷалби бештари сармояи ватанӣ ва хориҷӣ ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт монеа эҷод мекунанд;
- сатҳи пасти роҳандозии ТИК дар фаъолияти мақомоти давлатӣ барои хизматрасонӣ ба соҳибкорон ва сармоягузорон;
- рушд наёфтани мониторинги маҷмӯии сифати хизматрасониҳои давлатӣ ба соҳибкорон ва сармоягузорон;
- сатҳи нокифояи иҷрои уҳдадориҳо тибқи қарордодҳои тиҷоратӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои сармоягузорон ва соҳибкорон;
- маҳдуд будани механизмҳои самаранок оид ба рушди соҳибкории занон;

- механизми номукаммали ҳалли масъалаҳои пардохтнопазирӣ ва мавҷуд набудани механизмҳои барқарорнамоии фаъолияти корхонаҳои муфлисшуда;
- мавҷуд набудани механизмҳои худмаблағтаъминкунӣ (иттифоқҳои қарзӣ, ҷамъиятҳои якдигарсуғуртакунӣ), норасогии воситаҳои молиявӣ, имкониятҳои маҳдуди субъектҳои соҳибкории хурд нисбат ба иқтидорҳои истеҳсолӣ ва дороии корхонаҳои сохторашон тағйирёбанда;
- сатҳи пасти рақобат байни молистеҳсолкунандагон;
- сатҳи баланди фарсудашавии сармояи асосӣ;
- истифодаи нокифояи имкониятҳои бозори дохилӣ;
- рушди сусти алоқаҳои интегратсионӣ;
- дастрасии маҳдуди субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ба технологияҳои муосири истеҳсолӣ ва бинову иншооти корхонаҳои бекорхобида;
- нокифоягии сатҳи маълумотнокии соҳибкорон оид ба талаботи қонунгузории андоз;
- таъминоти нокифояи корхонаҳои истеҳсолӣ бо ашёи хом ва дигар захираҳои зарурӣ;
- мавҷуд набудани бизнес-инкубаторҳо ва марказҳои инноватсионӣ;
- дар шаҳр сатҳи пасти огоҳӣ дар бораи лоиҳаҳои имконпазири ШБДХ, шартҳо, тарифҳо, имтиёзҳо ва кафолатҳои нокифоя боиси таваҷҷуҳи пасти сармоягузорони эҳтимолӣ мегардад. Ҳамчунин, масъалаҳои ҳалталаб дар самти баланд бардоштани салоҳиятнокии кадрҳо ва дар маҷмуъ, рушди институтсионалӣ дар соҳаи ШДБХ вуҷуд дорад. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ имконияти ШДБХ – ро дар соҳаи нақлиёт ва роҳсозӣ, энергетика, ХМК ва хизматрасониҳои коммуналӣ кам истифода мебаранд;
- Дар давраи татбиқи БРШ 2016-2020 ҳадафҳо ва вазифаҳо дар самти татбиқи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ пурра ба даст оварда нашуда, қисми зиёди масъалаҳо, ҳадафҳо, вазифаҳо ва самтҳои фаъолият ҳоло ҳам муҳим боқӣ мемонанд;
- мавҷуд набудани кадрҳои баландихтисос дар соҳаи ШДБХ дорои салоҳияти кофии омода ва пайгирӣ кардани лоиҳаҳои ШДБХ;
- рушди нокифояи иснститутсионалии сохторҳои масъули давлатӣ дар соҳаи ШДБХ дар алоқамандӣ бо маҳдудияти захираҳои молиявӣ ва кадрӣ;
- рушди нокифояи низоми ҷалби маблағҳои дарозмуҳлати ғайрибуҷетии лоиҳаҳои ШДБХ;
- баланд будани фоизи қарзҳои бонкӣ ва кӯтоҳ будани мӯҳлати истифода ва баргардонидани онҳо (хусусан барои соҳибкории истеҳсолӣ);
- номукаммалии механизмҳои молиявӣ-қарзӣ, амонатӣ (амволи гарав) бонкӣ ва суғуртаи таваккали хавфи соҳибкории хурд.

**Ҳадаф ва вазифаҳои бахши соҳибкории хурду миёна, Шарикии давлат ва бахши хусусӣ:**

**Ҳадаф: -** баланд бардоштани сатҳи машғулбудагон дар бахши соҳибкории хурду миёна;

**Вазифаи 1: -** фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ;

**Вазифаи 2:** - мусоидат ҷиҳати рушди Шарикии давлат ва бахши хусусӣ;

**Вазифаи 3:** - мусоидат ҷиҳати татбиқи Бизнес лоиаҳо ва стартапҳои соҳибкорӣ.

### 3.3. Фазои сармоягузорӣ

#### 3.3.1. Ҳолати кунунӣ.

Афзоиши ҳаҷми сармоягузорӣ ва ташаккули фазои сармоягузорӣ дар шаҳри Ҳисор чун вазифаи стратегӣ ва яке аз омилҳои муҳими таҷдиди иқтисодиёти шаҳр маҳсуб меёбад. Дар баробари қабули санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ инчунин, Шӯрои машваратии назди Раиси шаҳри Ҳисор оид ба рушди соҳибкорӣ, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва ҳамкорӣ дар самти шарикии давлат ва бахши хусусӣ ташкил гардидааст.

Дар шаҳри Ҳисор 10 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ амалӣ гардида истодааст, ки маблағи умумии дар доираи онҳо азхудшуда 56,1 млн. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Аз ҷумла, лоиҳаи "Беҳтар намудани ҳолати роҳи автомобилгарди Душанбе-Турсунзода-сарҳади Ҷумҳурии Ӯзбекистон" ба маблағи 41,2 млн. долл. ИМА. Лоиҳаи "Обтаъминкунии шаҳрҳои маркази Тоҷикистон" дар доираи лоиҳаи мазкур то инҷониб дар шаҳраки Ҳисор маблағи аз худгардида 5,54 млн. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Ҳоло татбиқи 8 лоиҳаи давлатии сармоягузории дигар дар ҳаҷми умумии 12,66 млн. доллари ИМА идома дорад.

**<u>Мушкилотҳои асосии самти сармоягузорӣ:</u>**

- бо вуҷуди пешравиҳо дар ин самт дар шаҳр мушкилотҳо низ мавҷуд мебошанд, аз ҷумла: ҷиҳати ҷалби сармояи мустақим ва ғайримустақими ватаниву хориҷӣ корҳо дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст;
- зарфияти мутахассисони маҳаллӣ дар ҷалби сармоягузориҳо, омода намудани пешниҳодҳои лоиҳавии сармоягузорӣ ва мониторинги онҳо маҳдуд мебошад. Илова бар ин ҷиҳати афзоиши ҳаҷми сармоягузориҳо чорабиниҳои махсус, форумҳо, намоишҳои тиҷоратӣ, семинару ҳамоишҳо ба роҳ монда намешавад. Фаъолияти сохторҳои махсуси мақомоти шаҳр ба талабот ҷавобгӯ нест.

### 3.4. Соҳаи кишоварзӣ

Кишоварзӣ яке аз соҳаҳои стратегие мебошад, ки ба рушди иқтисодиёти шаҳр таъсири бевосита мерасонад, зеро рушди устувори соҳаи кишоварзӣ барои расидан ба ҳадафҳои рушди устувор, таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасӣ ба ғизои хушсифат мусоидат менамояд.

Ба соҳаи кишоварзӣ шуғли 56 фоизи аҳолии деҳот бевосита алоқаманд мебошад ва беш аз 43 фоизи қувваи кориро дар соҳаи кишоварзӣ занон ташкил медиҳанд.

### 3.4.1. Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ.

Дар соли 2020 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 773,8 млн. сомониро ташкил дод, ки аз он 562,1 млн. сомонӣ (72,6%) ба соҳаи растанипарварӣ ва 211,6 млн. сомонӣ (27,4%) ба соҳаи чорводорӣ рост меояд.

Хоҷагиҳои кишоварзӣ дар соли 2020 ба миқдори 26842 тонна ғалладона, аз ҷумла 15162 тонна гандум, 2715 тонна пахта, 846 тонна зағир, 9646 тонна картошка, 60407 тонна сабзавот, 3314 тонна полезӣ, 20042 тонна мева, 27862 тонна ангур, 6428 тонна гӯшт, 27645 тонна шир, 32304 ҳазор дона тухм, 3,7 тонна пилла, 40,2 тонна асал, 67,4 тонна пашм ва 8,3 тонна моҳӣ истеҳсол гардидааст, ки ин нисбат ба соли 2019 истеҳсоли ғалладона 3601 тонна, аз ҷумла гандум 670 тонна, зағир 1 тонна, сабзавот 3088 тонна, полезӣ 282 тонна, гӯшт 1336 тонна, шир 437 тонна, тухм 21359 ҳазор дона ва истеҳсоли асал 1 тонна зиёд гашта, пахта ба миқдори 2034 тонна, картошка 4660 тонна, мева 1492 тонна, ангур 2479 тонна ва истеҳсоли пилла 19 тонна кам гардидааст.

Сабаби асосии кам гардидани истеҳсоли маҳсулотҳо ин номусоид омадани боду ҳаво, боридани барфи бемаҳал дар моҳи апрели соли ҷорӣ мебошад.

Аз ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзии истеҳсолшуда ба ҳар нафар аҳолии шаҳр 109,3 кг сабзавот, 10,7 кг картошка, 31,7 кг мева, 6,3 кг полезӣ, 24,2 кг нон ва маҳсулоти нонӣ, 0,8 кг равған, 16,5 кг гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ, 20,1 кг маҳсулоти ширӣ ва 53,9 дона тухм рост омадааст, ки ин аз меъёрҳои тавсиявии физиологии истеъмоли маҳсулоти асосии озуқаворӣ бисёр кам мебошад.

Дар ҳудуди шаҳр имкониятҳои васеъ барои қонеъ гардонидани талаботҳои физиологии бештари аҳолӣ аз рӯи маҳсулотҳои кишоварзӣ мавҷуд аст ин ҳам бошад, баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ, аз як замин гирифтани ду се ҳосил мебошанд.

Истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷудаи замину об имконият медиҳад, ки дар соли 2025, дар доираи татбиқи барномаи мазкур, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ, аз ҷумла ғалладонагӣ ба 22 ҳазор тонна, пахта ба 5 ҳазор тонна, картошка ба 10,5 ҳазор тонна, сабзавот ба 65,5 ҳазор тонна, полезиҳо ба 5 ҳазор тонна, мева ба 35 ҳазор тонна, ангур 40 ҳазор тонна, гӯшт ба 6,8 ҳазор тонна, шир ба 29,5 ҳазор тонна, тухм ба 30 млн. дона, асал ба 50,4 тонна, пашм ба 70,8 тонна ва истеҳсоли моҳӣ ба 40 тонна расонида шавад.

### 3.4.2. Истифодаи заминҳои кишоварзӣ.

Дар асоси маълумотҳои Кумитаи идораи замини шаҳр дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ 18948,9 га замини кишт мавҷуд мебошад, ки ба ҳар нафар аҳолии шаҳр 0,058 гектар замини кишт рост меояд.

Аз ҷумла, замини обӣ 10910,7 га буда, 57,6%-и заминҳои корамро ташкил медиҳад ва ба ҳар нафар аҳолии шаҳр 0,034 гектар замини корами обӣ рост меояд.

**3.4.3. Таъминоти оби полезӣ.**

Заминҳои кишоварзӣ асосан аз ҳисоби захираҳои оби дарёҳои Алмосӣ, Қаратоғ, Кофарниҳон ва Канали калони Ҳисор обёрӣ шуда, инчунин обёрии 1450 га замин тавассути 10 пойгоҳи обкашии байнихоҷагӣ ба роҳ монда шудааст. ИДБЗО шаҳри Ҳисор ба 18 хоҷагиҳои хурду калон дар ҳаҷми 5264 гектар, ба Ассотсиятсияҳои истифодабарандагони об дар ҳаҷми 4226 гектар ва ба заминҳои наздиҳавлигӣ дар ҳаҷми 2080 гектар бо оби полезӣ таъмин намуда, додугирифт ва хизматрасонӣ менамояд. Қисми асосии заминҳои корам ё 5994 гектар, аз ҷумла 2843 гектар заминҳои корами обӣ дар истифодаи хоҷагиҳои деҳқонӣ қарор дорад.

Дарозии умумии каналҳои байнихоҷагӣ 211 км ва дарозии заҳбуру заҳкашҳои байнихоҷагӣ бошад 27 км-ро ташкил медиҳад.

Шумораи иншоотҳои гидротехникӣ 126 адад ва шумораи нуқтаҳои обсанҷӣ (гидропост) 36 адад (аз он 30 адад коршоям)-ро ташкил медиҳад.

Аз ҷониби ИДБЗО соли 2020 ҳамагӣ 6 адад иншоотҳои гидротехникӣ (дарвозаҳо) ва 4 адад обченкунакҳо аз таъмири асосӣ бароварда шудааст.

Тибқи маълумоти ИДБЗО дар соли 2020, 1866 адад хоҷагиҳои деҳқонӣ, шумораи истифодабарандагони оби полезӣ ҳамагӣ 4226 гектар аз он 286 гектар ба аҳолӣ рост меояд.

Барои бо оби полезӣ таъмин намудани майдони 10907,10 га замини хоҷагиҳои кишоварзӣ ба маблағи 643,7 ҳазор сомонӣ тариқи шартнома хизматрасонӣ карда шуда, онҳо бо 35,7 ҳазор м$^3$ об таъмин карда шудаанд.

Дар соли 2020 бо истифода аз имкониятҳои мавҷудбуда дар идораи ИДБЗО шаҳри Ҳисор як қатор корҳои пудратӣ бо маблағи 368,1 ҳазор сомонӣ ба анҷом расонида шуд ,ки бо қувваи беруна 22,8 ҳазор ва бо қувваи худӣ 345,3 ҳазор сомонӣ иҷро гардидааст.

Аз ин каналҳо дар ҳаҷми 73120 метри куб, бо дарозии 54,47 км, ва бо маблағи 201571 сомонӣ, заҳбуру заҳкашҳо дар ҳаҷми 41770 метри кубӣ бо дарозии 8,9 км бо маблағи 107041 сомонӣ, таъмири иншоотҳои гидротехникӣ 4 адад бо маблағи 17967 сомонӣ, танзими сарбандҳо бо маблағи 30646 сомонӣ ва корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ бо маблағи 108 ҳазор сомонӣ ба анҷом расонида шудааст.

Инчунин, соли 2020 аз ҷониби ИДБЗО ба маблағи 108 ҳазор сомонӣ корҳои мелиоративӣ иҷро гардида, ҳолати мелиоративии 120 гектар заминҳо беҳтар карда шудааст, ки 100 фоизи иҷроиши нақшаи солонаро ташкил медиҳад.

То соли 2025 дар ин самт таҷдиду барқарорсозии агрегатҳои обкашӣ ва дигар механизмҳо дар 3 адад пойгоҳҳои обкашӣ, беҳтар намудани ҳолати мелиоративии 350 гектар замин, тоза кардани 89 км

заҳбуру заҳкашҳои дохилихоҷагӣ ва 78 км заҳбуру заҳкашҳои байнихоҷагӣ, тозаю барқарорсозии каналҳои таъминоти оби полезӣ ва мустаҳкам намудани заминаи моддию техникии ИДБЗО пешбинӣ мегардад.

### 3.4.4. Ҳолати техникаи кишоварзӣ.

Дар хоҷагиҳои кишоварзӣ аз 625 адад тракторҳо ва мошинолотҳои кишоварзии мавҷуда 90 фоизи он коршоям ва дар ҳолати хуби техникӣ қарор доранд.

### 3.4.5. Тухмипарварӣ.

Ҷиҳати рушди соҳаи тухмипарварӣ дар ҳудуди шаҳри Ҳисор чор хоҷагии тухмипарварӣ, аз ҷумла  Кооперативи тиҷоратии ба номи Латиф Муродов", хоҷагиҳои таҷрибавии "Зарнисор", "Зироаткорӣ" ва хоҷагии деҳқонии "Шумон" фаъолият менамоянд ва ба истеҳсоли тухмиҳои хушсифати пахта, гандум, ҷав ва шолӣ махсус гардонида  шудаанд. Соли 2020 аз ҳисоби захираи пахтаи тухмии ҳосили соли 2019 ба андозаи 200 тонна тухмии пумбадона захира карда шудааст, аз ҷумла тухмиҳои навъи "Дустӣ", "Флеш" ва "Ирам", 130 тонна тухмии ғалладонагиҳо, навъҳои маҳаллӣ захира карда шудааст.  Инчунин, барои кишти пахтаи ҳосили соли 2021 дар хоҷагиҳои тухмипарвар 187,5 тонна чигити тухмӣ ва 1000 тонна тухмии картошка захира карда шуда буд.

### 3.4.6. Парвариши зироатҳо дар гармхонаҳо ва нигаҳдории маҳсулот дар сардхонаҳо.

Соли 2020 дар шаҳри Ҳисор 13 адад гармхонаҳо дар самти парвариши сабзавотҳо фаъолият менамоянд, ки майдони 5,94 гектарро ташкил медиҳанд.

Кишоварзони шаҳр дар кишти аввал ва кишти дувум ба миқдори 308,6 тонна маҳсулоти тару тоза ҷамъоварӣ намуда, ба бозорҳои шаҳр ва пойтахти кишвар пешниҳод намуданд.  То соли 2025 ба истифода додани 3 гармхонаи дигар ва 2 лимупарваришгоҳ ба нақша гирифта шудааст, ки дар доираи татбиқи барномаи рушди шаҳр ва талаботи аҳолии шаҳр ба сабзавоти тару тоза майдони умумии гармхонаҳо бояд 12 гектарро ташкил намояд.

Ҷиҳати дуру дароз ва беталаф нигоҳ доштани меваю сабзавот дар ҳудуди шаҳр 15 адад сардхонаҳои замонавӣ фаъолият менамоянд, ки барои ҷойгиркунии 6185 тонна маҳсулотҳо имконият дошта, барои дар тамоми фаслҳои сол бо меваю сабзавоти тару тоза таъмин намудани аҳолии кишвар  ва хориҷ мусоидат менамоянд. То соли 2025 бунёд намудани 12 адад сардхонаи нав пешбинӣ мегардад.

### 3.4.7. Боғу токпарварӣ.

Боғу токпарварӣ низ яке аз самтҳои асосии соҳаи кишоварзии шаҳр ба ҳисоб рафта, дар бобати таъминоти аҳолӣ бо озуқаворӣ, афзун гардонидани имкониятҳои содиротии шаҳр ва бо шуғл таъмин намудани аҳолӣ мавқеи махсусро ишғол менамояд.

Дар давоми солҳои 2016-2020 дар майдони 2103 гектар бунёди боғу токзори нав ба роҳ монда шуд, ки ин амал барои рушди соҳа дар солҳои 2021-2025 заминаи хуб мебошад.

То соли 2020 дар майдони зиёда аз 72,9 гектар боғҳои интенсивӣ бунёд гардида, боғпарварони шаҳр тасмим гирифтаанд, ки майдони ин намуди боғҳоро минбаъд ҳам васеъ намоянд.

То соли 2025 бунёди беш аз 130 гектар боғҳои интенсивӣ ва барқарор намудани 80 гектар боғҳои кӯҳна пешбинӣ мешавад. Барои кам кардани талафоти мева, таъсиси корхонаи коркарди мева дар шаҳр ва ба роҳ мондани истеҳсоли афшура ва шарбат ба инобат гирифта шудааст.

**Мушкилотҳои асосии соҳаи кишоварзӣ:**

- ҷараёни сусти кооператсияи хоҷагиҳои деҳқонӣ ва таъсиси асотсиатсияҳо;
- бад гардидани ҳолати мелиоративии заминҳои корам ва кам шудани ҳосилнокии он;
- истифода нашудани иқтидори пурраи иншооти обтаъминкунӣ бинобар сабаби куҳна ва фарсудашавии низоми ирригатсионӣ;
- сатҳи пасти дастрасии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ба воситаҳои молиявии нисбатан арзон ва субсидияҳои давлатӣ;
- шуршавии (минрализатсияи) заминҳои обёришаванда ва аз гардиши кишоварзӣ берун мондани заминҳои корам бо сабаби ғайрисамаранок истифода бурдани онҳо;
- риоя нашудани киштгардон ва эрозияи заминҳои корам;
- истифодаи нодурусти чарогоҳҳо ва риоя накардани тартиби ҷойивазкунии чорво;
- истифодаи ғайримақсадноки заминҳои корами обӣ ва риоя нашудани қоидаҳои агротехникаи парвариши зироати кишоварзӣ;
- норасоии техникаи кишоварзӣ ва арзиши баланди нуриҳои минералӣ бо сабаби набудани иқтидори истеҳсолии дохилӣ;
- истифодаи тухмиҳои сифаташ паст ва норасоии тухмиҳои репродуксионии сифаташ баланд;
- сифати пасти захру химикатҳо ва нуриҳои минералӣ;
- истифода нашудани иқтидорҳо оид ба роҳ мондани нуриҳои органикӣ ва био гумуз;
- заминаи нокифояи моддӣ-техникии нигоҳдорӣ, банду баст, таҳвил ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ;
- набудани низоми муосири баҳисобгирии молиявӣ ва маъмурикунонии муносибатҳои хариду фурӯш байни истеҳсолкунанда ва нуқтаҳои савдои чакана.

**Ҳадаф ва вазифаҳои соҳаи кишоварзӣ:**

**Ҳадаф:** - афзоиши маҳсулнокии соҳаи кишоварзӣ ва даромади хоҷагиҳои аҳолӣ ва кишоварзӣ, тавассути дастрасии бехатар ва баробар ба замин ва дигар омилҳои истеҳсолии соҳаи кишоарзӣ, дониш, хизматрасониҳои молиявӣ, бозорҳо ва имкониятҳо ҷиҳати афзоиши арзиши иловашуда ва шуғл дар бахши ғайрикишоварзӣ (ҲРУ 2.3);

**Вазифаи 1:** - таъсиси низоми дастгирӣ ва кооператсияи хоҷагиҳои кишоварзии шаҳр;

**Вазифаи 2:** - беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ ва ҳолати шабакаҳои обрасонӣ (ҲРУ 6.4);

**Вазифаи 3:** - таҳкими рушди занҷираи арзиши иловашудаи соҳаи кишоварзӣ (ЗАИК).

## 3.5. Сохтмон ва меъморӣ

Соҳаи сохтмон дар пешрафти иқтисодиёти шаҳр, таъмини аҳолӣ бо манзили дастрас, ғанӣ гардонидани буҷети маҳаллӣ, таъсиси ҷойҳои кории доимӣ ва мавсимӣ накши муҳим мебозад. Дар шаҳр 25 ширкатҳои сохтмонӣ фаъолият менамоянд ва дар соҳаи мазкур 507 нафар коргарон машғул мебошанд. Фаъолияти соҳаи сохтмон дар шаҳр барои бунёди иншооти гуногуни соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, истеҳсолию инфрасохторӣ ва таъмиру тармими биною иншооти соҳаҳои мухталиф нигаронида шудааст.

Тайи солҳои охир афзоиши нишондиҳандаҳои соҳаи сохтмон ба мушоҳида расида, хусусан дар давоми 5 соли охир, ҳаҷми сармоягузориҳои асосӣ дар сохтмон зиёда аз 25%, корҳои сохтмонию васлкорӣ 57% афзудааст.

Дар солҳои 2015-2019 аз ҷониби муассисаҳои сохтмонӣ дар шаҳри Ҳисор корҳои сохтмонию васлгарӣ ва пудратӣ ба маблағи умумии 472328,2 сомонӣ иҷро гардида, ба маблағи 385017,1 сомонӣ фондҳои асосӣ ба истифода супорида шуда, муассисаҳои таълимӣ дорои 1908 ҷойи нишаст, 9 адад хонаҳои истиқоматии баландошёна ба масоҳати умумии 13576,8 $м^2$ ва дигар иншоотҳои таъиноти иҷтимоӣ сохта ба истифода дода шуданд.

Баҳри таҷлили сазовори ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳр сохта ба истифода додани 767 иншооти таъиноти гуногун ба нақша гирифта шуда, дар давраи то соли 2020 теъдоди 426 иншоот бунёд ва мавриди истифода қарор гирифта, сохтмони иншоотҳои боқимонда то ҷашн ба анҷом расонида хоҳад шуд.

Дар доираи татбиқи Барномаи мазкур то соли 2025 барои таъмин намудани талабот бо масолеҳи воридот ивазкунандаи бинокорӣ дар шаҳр ба кор даровардани корхонаю коргоҳҳои саноатӣ оид ба истеҳсоли семент, гаҷ, оҳак, сементи ранга, хишт, профил, бомпуш, маҳсулоти рангубор ва пардозгарӣ, маҳсулоти пластикӣ ва ғайра пешбинӣ шудааст.

Дар доираи татбиқи Барнома афзалияти асосии соҳаи мазкур, татбиқи амалии Нақшаи генералии шаҳри Ҳисор (қарори ҲҶТ №337 аз 30 июли соли 2012) мебошад.

**Мушкилоти асосӣ:**

- сатҳи нокифояи дастрасӣ ба манзили дастрас;
- ҷолиб набудани қарзҳои ипотекӣ, кам будани хизматрасониҳои бонкӣ ва коҳиш ёфтани интиқоли муҳоҷирони меҳнатӣ барои сохтмони манзил;
- таъмин нашудани инфрасохтори заминавии иҷтимоӣ, инфрасохторӣ, корҳои ободониву кабудизоркунӣ дар маҳаллаҳои навбунёд;
- нокифоя будани иқтидори шабакаҳои муҳандисӣ (барқрасонӣ, таъминоти барқ ва оби нӯшокӣ, низоми гармидиҳӣ ва ғайра) ва идоракунии ғайрисамараноки он дар маҳал;
- набудани низоми мунтазами таъминоти барқ, оби нӯшиданӣ, гармидиҳӣ, идоракунии партовҳои сахти маишӣ;
- норасоии маблағҳои гардони корхонаю ташкилоти сохтмонӣ;
- душвор будани ҷараёни ҷудо кардани замин ва ба вуҷуд омадани монеаҳои сунъӣ, ки барои рушди корхонаҳои сохтмонӣ таъсири манфӣ мерасонад;
- набудани низоми "равзанаи ягона" (тибқи модели шаҳри Душанбе) оид ба баррасии аризаҳо дар ҷудо намудани қитъаҳои замин барои сохтмон.

**Ҳадаф ва вазифаҳои самти манзил, сохтмон ва меъморӣ:**

**Ҳадаф:** - афзоиши ҳаҷми сохтмони манзил, аз ҷумла дар деҳот;

**Вазифаи 1: -** таъмини махаллахои аҳолинишин навбунёди деҳот бо инфрасохтори иҷтимоӣ ва муҳандисӣ;

**Вазифаи 2:** - татбиқи бизнес лоиаҳои сохтмонӣ ҷиҳати амалисозии нақшаии генералии шаҳри Ҳисор.

# БОБИ 4. РУШДИ УСТУВОРИ СОҲАҲОИ ИҶТИМОИЁТ

## 4.1. Соҳаи маориф

### 4.1.1. Вазъи кунунӣ.

Дар шаҳри Ҳисор 134 муассисаҳои таълимӣ фаъолият дошта, аз он 91 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад. Дар соли хониши 2019-2020, 74154 нафар хонанда ба таълиму тарбия фаро гирифта шуданд. Шумораи умумии омӯзгорон ба 4430 нафар расида, аз онҳо 2499 нафарашонро занҳо ташкил медиҳанд. Аз шумораи умумии омӯзгорон 2577 нафар маълумоти олӣ ва 1569 нафар дорои маълумоти миёнаи касбӣ, 243 нафар дорои маълумоти олии нопурра мебошанд.

Дар давраи ҳисоботӣ аз 3599 нафар хатмкунандагон 2035 нафар барои идомаи таҳсил ба Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷат супорида, 20 нафар хатмкунанда ба гирифтани квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мушарраф гардид.

### 4.1.2. Таҳсилоти томактабӣ.

Дар шаҳри Ҳисор 11 муассисаи таҳсилоти томактабӣ бо фарогирии 1750 нафар тарбиятгиранда фаъолият менамояд. Ғунҷоиши умумии муассисаҳои томактабӣ 2132 нафарро ташкил медиҳад.

Дар давраи татбиқи барномаи мазкур то соли 2025 бунёд ва ба истифода додани 4 муассисаи томактабии хусусӣ ба нақша гирифта шудааст.

### 4.1.3. Муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.

Шумораи умумии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар соли хониши 2019-2020 ҳамагӣ 91 ададро ташкил дод, ки нисбати соли 2019 ба андозаи 2 адад зиёд мебошад.

Айни замон, дар соҳаи маорифи шаҳр 7 нафар омӯзгор барои таълими фанҳои таърих ва ҳуқуқ, забони русӣ, математика ва физика намерасад.

### 4.1.4. Муассисаҳои таҳсилоти миёна ва ибтидоии касбӣ.

Дар соли хониши 2019-2020 дар миқёси шаҳри Ҳисор 3 адад муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ фаъолият намуда, 4820 донишҷӯёнро аз рӯи ихтисосҳои гуногун ба таълим фаро гирифтаанд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии шаҳри Ҳисор аз рӯи ихтисосҳои зарурии тиббӣ, омузгорӣ, энергетикӣ ва дигар касбу ҳунарҳо барои соҳаҳои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ мутахассис тайёр менамоянд.

Дар назар аст, ки дар давоми солҳои 2020-2025 дар муассисаҳои мазкур омода намудани мутахассисони аз рӯи ихтисосҳои нави барои иҷтимоиёту иқтисодиёти кишвар зарурӣ ба роҳ монда шуда, теъдоди хатмкунандагон зиёд гардад.

**Мушкилотҳои асосии соҳаи маориф:**

- норасоии ҷойи нишаст дар муассисаҳои таълимӣ;
- норасогии китобҳои дарсӣ, аз ҷумла китобҳои дарсии бо забони русӣ;
- норасогии синфхонаҳои иловагӣ муассисаҳои таълимӣ дар деҳот;
- норасогии адабиётҳои тозанашр барои китобхонаҳо;
- норасогии майдончаҳои варзишӣ дар назди муассисаҳои таълимӣ;
- нокифоя будани шумораи кӯдакистонҳо дар деҳот;

**Ҳадаф ва вазифаҳои соҳаи маориф:**

**Ҳадаф:** - фаъол гардонидани механизми дастрасии баробарҳуқуқ ва иштирок дар ҳамаи сатҳҳои таълим;

**Вазифаи 1:** - беҳтар намудани сифати таълим ва бароҳатии таҳсилот дар муассисаҳои таълимии ҳамаи сатҳҳои шаҳр;

**Вазифаи 2:** - рушди инфрасохтори соҳаи маориф.

## 4.2. Тандурустӣ.

### 4.2.1. Вазъи кунунии соҳа.

Барои ҳифзи тандурустии аҳолӣ 8 беморхонаи бистарикунонӣ, 2 клиникаи хусусии ташхисию табобатӣ, 1 маркази саломатии шаҳр бо 35 маркази саломатии дар деҳот вуҷуддошта ва 41 хонаҳои саломатӣ хизмати тиббӣ мерасонанд. Дар соли 2019 дар беморхонаҳои шаҳр 19673 нафар беморон бистарӣ гардидаанд.

Шабакаи Кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ муассисаи калонтарини табобатию профилактикии шаҳр ба шумор рафта, тавассути шабакаҳои васеи муассисаҳои бунгоҳию дармонгоҳӣ ба аҳолӣ хизмати тиббӣ мерасонанд.

Дар шаҳри Ҳисор зиёда аз 130 адад дорухона фаъолият менамояд.

Буҷети шабакаи муассисаҳои КАТС-и шаҳри Ҳисор дар соли 2020 ба 10 млн. сомонӣ расонида шудааст, ки ин нисбат ба 5 соли пеш 1,5 маротиба зиёд мебошад.

Буҷети муассисаҳои сохтори госпиталӣ бошад соли 2020 ба 12 млн. расонида шудааст, ки нисбати соли 2015 маблағи 9 млн. сомонӣ, ё ин ки 1,4 маротиба зиёд гаштааст.

Бо мақсади рушди минбаъдаи соҳаи тандурустӣ дар шаҳр то соли 2025 дар доираи барномаи мазкур сохтмон ва мавриди истифода қарор додани иншоотҳои муҳими соҳаи тандурустӣ дар назар дошта шудааст.

Инчунин, дар ин давра таъмини муассисаҳои тиббӣ бо таҷҳизоти муосири тиббӣ ба нақша гирифта шудааст.

Дар шаҳр шумораи мутахассисони соҳаи тандурустӣ 1400 нафарро ташкил медиҳад, ки аз он 293 нафар табиб ва 1107 нафар кормандони миёнаи тиббӣ мебошанд. Дар муассисаҳои сохтори госпиталӣ 630 нафарро ташкил медиҳад, ки аз он 112 нафар табиб ва 518 нафар кормандони миёнаи тиббӣ мебошанд.

Дар муассисаҳои сохтори КАТС-и шаҳр 770 нафар фаъолият менамоянд, ки аз он 181 нафар табиб ва 589 нафар кормандони миёнаи тиббӣ мебошанд. Таъминот бо табибон ба 10 ҳазор нафар аҳолӣ 9,1 нафарро ташкил медиҳад.

Барои расонидани ёрии таъҷилии тиббӣ ба аҳолии шаҳр шуъбаи ёрии таъҷилии тиббӣ бо 4 адад нақлиёт фаъолият менамояд.

Тибқи барнома дар давраи миёнамуҳлат муҷаҳазгардонии муассисаҳои тандурустӣ ва тақвияти фаъолияти онҳо ҷиҳати пешгирии бемориҳои сироятӣ ва дигар бемориҳо пешбинӣ мегардад.

### 4.2.2. Ҳифзи саломатии модар ва кӯдак.

Мувофиқи маълумотҳои оморӣ дар шаҳр нишондоди фавти кӯдакони синни то 1 сола дар соли ҳисоботӣ 34 нафар, нисбат ба 1000 зиндатаваллуд (дар соли 2015 – 41 нафар, соли 2016 – 43 нафар, соли 2017 – 49 нафар, дар

соли 2018 – 30 нафар ва дар соли 2019 – 34 нафар) ва нишондоди фавти кӯдакони синни то 5 сола дар соли ҳисоботӣ - 24 нафар, нисбат ба 1000 зиндатаваллуд баробар (дар соли 2015 – 27 нафар, дар соли 2016 – 26 нафар, дар соли 2017 - 36 нафар, соли 2018 - 26 нафар ва дар соли 2019 – 24 нафар) гардидааст.

Дар соли 2020 нишондоди фавти модарон 1 нафар (дар соли 2015 – 2 нафар, дар соли 2016 – ягон нафар , дар соли 2017 - 4 нафар, дар соли 2018 - 2 нафар ва дар соли 2019 – 2 нафар) баробар гаштааст.

Фоизи истифодабарандагони маводҳои контрасептивӣ дар байни занони қобили таваллуд дар солҳои 2015-2020 (дар соли 2015 – 19026 нафар, 26,4 фоиз, дар соли 2016 – 24630 нафар, 34,1 фоиз, дар соли 2017 – 26633 нафар, 36,8 фоиз, дар соли 2018 – 30524 нафар, 40,0 фоиз, дар соли 2019 – 35624 нафар, 42,1 фоиз ва дар соли 2020 – 40624 нафар, 43,4 фоиз) ва зоишҳои хонагӣ (дар соли 2015 – 953 нафар, 10,6 фоиз, дар соли 2016 – 765 нафар, 9,1 фоиз, дар соли 2017 – 512 нафар, 6,2 фоиз, дар соли 2018 – 450 нафар, 5,7 фоиз, дар соли 2019 - 320 нафар, 3,7 фоиз ва дар соли 2020 – 190 нафар, 2,9 фоиз)-ро ташкил намуданд.

### 4.2.3. Вазъи бемориҳои сироятӣ ва ҳолати санитарию эпидемиологӣ.

Дар соли 2020 дар шаҳри Ҳисор бақайдгирии бемориҳои домана, сӯхтанӣ, зуком ва инчунин сироятҳои хавфноки сӯхтанӣ, ҳорӣ, тоун, ва вабо мушоҳида нагардида бошад ҳам, мутаассифона бемориҳои зарпарвини намуди А - 408 ҳолат (соли 2019 - 377 ҳолат) ва хоришак - 3 ҳолат (соли 2019 - 90 ҳолат) ба қайд гирифта шудаанд.

Боиси нигаронист, ки дар шаҳри Ҳисор аз соли 2005 то соли 2020 – 435 ҳолати сироятёфтагони ВНМО ба қайд гирифта шудааст, ки аз онҳо 266 нафарро мардон ва 169 нафарашро занон ташкил медиҳанд. Танҳо дар соли 2020 шумораи онҳо 41 сироятро ташкил менамояд, нисбат ба соли 2019 шумораи 3 ҳолат кам гаштааст.

**Мушкилотҳои асосии соҳаи тандурустӣ:**

- муҳоҷирати аксари кадрҳои баландихтисоси соҳаи тандурустӣ ба хориҷи кишвар;
- норасоии кадрҳои соҳибихтисос;
- норасогии таҷҳизотҳои муосири тиббӣ;
- зарурияти сохтмони марказҳои саломатӣ ва бунгоҳҳои тиббӣ дар деҳаҳои дурдаст;
- зарурияти сохтмони бинои шуъбаи дезинфексионӣ;
- таъмирталаб гаштани биноҳои муассисаҳои тандурустии тобеи Беморхонаи марказӣ, КАТС ва Марказҳои тиббӣ;
- зарурияти бо маводҳои дорувории зиддисироятӣ таъмин намудани муассисаҳои тиббии пешгирии бемориҳои сироятӣ;
- норасоии воситаҳои нақлиёт барои Маркази ёрии таъҷилӣ;

**Ҳадаф ва вазифаҳои соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ:**

**Ҳадаф:** - беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои тибӣ ва ҳифзи иҷтимоии хушсифат;

**Вазифаи 1:** - беҳтар намудани хизматрасониҳои тиббӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ;

**Вазифаи 2:** - беҳтар намудани инфрасохтори муассисаҳои табобативу профелактикии шаҳр;

**Вазифаи 3:** - пешгирии бемориҳои иҷтимоан муҳим.

### 4.3. Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ.

#### 4.3.1. Ҳолати вокеии соҳа.

Соҳаи иҷтимоии шаҳр аз бахшҳои суғуртаи давлатӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, таъминот бо нафақа, шуғл, муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳифзи ҳуқуқи оила, ҳуқуқи кӯдакон, расонидани кӯмаки суғуртавии иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои осебпазир ва камбизоат иборат аст.

#### 4.3.2. Гурӯҳи осебпазири аҳолӣ

Ба гурӯҳи осебпазири аҳолии шаҳр нафақахӯрон, маъюбон, кӯдакони маъюб ва оилаҳои камбизоат дохил мешаванд.

**Шумораи нафақахӯрон аз рӯи таснифот**

| Гурухи осебпазир | Солхо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
| Нафақахӯрон (аз рӯи сину сол) | 13477 | 14001 | 14631 | 15419 | 15820 |
| Маъюбон | 3603 | 3661 | 3647 | 3658 | 3805 |
| Маъюбони модарзод | 861 | 923 | 1017 | 1065 | 1063 |
| Бесарубонмондагон | 1610 | 1640 | 1624 | 1587 | 1567 |
| Ҳамагӣ: | 19551 | 20225 | 20919 | 21729 | 22255 |
| Оилаҳои камбизоат | 3029 | 3100 | 3296 | 3907 | 4640 |

Аз шумораи умумии нафақахӯрон 61 фоизи нафақахӯрони аз рӯи синну сол, 22 фоиз маъюбон ва 4 бесаробонмондагон мебошанд.

#### 4.3.3. Ҳифзи иҷтимоии кӯдакон.

Ташкил намудани системаи ҳифзи иҷтимоии кӯдакони осебпазир (бепарастор, маъюб, кӯдакони ҳуқуқвайронкунанда ва ё таҳти хавфи ҳуқуқвайронкунӣ карор доранд, ҳамоҳангсозӣ бо мақомотҳои дахлдор) вазифаи асосӣ дар солҳои минбаъда буда, ҳадафи он дар сатҳи оила ва ҷомеа ба воя расонидани кӯдакон ва ба муассисаҳои будубоши доимӣ фиристодани онҳо мебошад.

Бо мақсади ҳифзи кӯдакони маъюб “Шӯрои ҷамъиятии оид ба мутобиқгардонии масъалаҳои ҳифзи иҷтимоии маъюбон” фаъолият менамояд.

## 4.4. Меҳнат ва шуғли аҳолӣ.

### 4.4.1. Таҳлили вазъи кунунии шуғли аҳолӣ ва бозори меҳнат

Тибқи маълумотҳои оморӣ дар соли 2020 шумораи аҳолии шаҳри Ҳисор 322,4 ҳазор нафарро ташкил дода, нисбати соли 2019 қариб ба 7,2 ҳазор нафар зиёд шудааст. Дар ин муддат шумораи аҳолии қобили меҳнат қариб ба 191,4 ҳазор нафар расида, ба 5,7 ҳазор нафар афзоиш ёфтааст.

Дараҷаи афзоиши табии захираҳои меҳнатӣ дар соли 2020 нисбат ба соли гузашта 3,1 фоизро ташкил додааст.

Дар шаҳри Ҳисор мисли дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ аз “се бахш” - *шуғли расмӣ, шуғли ғайрирасмӣ ва аз муҳоҷирати меҳнатӣ* иборат мебошад.

Барои муайян кардани шумораи аҳолии ба кор машғулбуда нишондодҳо оид ба субъектҳои хоҷагидор ва шумораи бо патенту шаҳодатнома фаъолияти меҳнатӣ дошта аз ҳисоботҳои нозироти андози шаҳр, шумораи кормандони хоҷагиҳои деҳқонӣ аз ҳисоботҳои Раёсати Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ва маълумотҳои оид ба корҷӯён ва бекорон аз Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии шаҳр истифода шудаанд.

Омори расмии ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ мавҷуд намебошад ва ин ҳисоб тибқи пурсиши хонаводаҳои аз ҷониби ҷамоату шаҳракҳо гузаронида шуда, вобаста ба фаслҳои сол аз 10,0 то 24,0 ҳазор нафар ҳисоб шудааст.

Дар ду соли сипаригардида шумораи аҳолии дар иқтисодиёт фаъол аз 30,2 ҳазор нафар ба 34,3 ҳазор нафар расида, 3,1 ҳазор нафар зиёд шудааст. Шумораи шаҳрвандони чун соҳибкорони инфиродии бо патенту шаҳодатнома фаъолиятдошта қариб 3,8 ҳазор нафар буда, нисбат ба соли пешина ба 250 нафар зиёд шудааст.

Дар соли 2020 шумораи дар иқтисодиёт фаъолияти расмии корӣ доштагон нисбат ба соли 2019 аз 32,2 ҳазор нафар ба 34,3 ҳазор нафар расида 2,1 ҳазор нафар афзоиш ёфтааст.

Дар соли 2020 дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти шаҳр таъсисёбии 6628 адад ҷойҳои корӣ ба ҳисоб гирифта шудааст, ки аз онҳо 1229 ададаш ҷойҳои кори доимӣ мебошанд.

Дар шаҳри Ҳисор соли 2020 чун корфармо 4576 субъектҳои хоҷагидор мавҷуд мебошанд. Қисми зиёди субъектҳо ба соҳаи кишоварзӣ 4010 адад (87,6%) тааллуқ дошта, хоҷагиҳои деҳқонӣ мебошанд.

Музди миёнаи моҳонаи меҳнати кормандони рӯйхатӣ дар соли 2020 - 1026 сомониро ташкил додааст, ки ин нисбати аввали соли ҳисоботӣ 83 сомонӣ, ё 8,8 фоиз афзоиш ёфтааст.

Дар соли 2020 ба мақомоти ваколатдори давлатӣ Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳр зиёда аз 2,3 ҳазор нафар бо мақсади

корҷӯӣ мурочиат кардаанд. Дар шахр бештар аз 2,0 ҳазор нафар корҷӯяндагон қарор доранд, ки миёни онҳо 1356 нафар бекорони расман эътирофгардида буда, 65 фоизашонро ҷавонон ва занон ташкил медиҳад.

Дар давоми соли ҷорӣ тибқи муқаррарот ба 240 нафар кӯмакпулии таъиншуда дода шудааст, ки 198 нафарашон собиқ хизматчиёни ҳарбӣ ва 42 нафар шаҳрвандони аз иҷрои ҷазои ҷиноӣ озодшуда мебошанд.

Дар давраи ҳисоботии соли 2020 бо кӯмаки мақомоти дахлдори давлатӣ зиёда аз 970 нафар корҷӯён ба шуғли гуногун фарогир шуда, дар ташкили касбомӯзии шаҳрвандони бекор ва корҷӯи бекасбу ҳунари қариб ба 1,3 ҳазор нафар ашхос хизматрасонӣ карда шудааст. Касбомӯзии 380 нафар бекорони корҷӯянда тариқи харҷи маблағҳои буҷетии мақомоти шуғли аҳолӣ амалӣ карда шудааст.

**Мушкилотҳои асосӣ дар соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ:**

- номутобиқатии суръати афзоиши аҳолии қобили меҳнат ба таъсисёбии ҷойҳои кории сазовор;
- кам шудани ҷойҳои кории доимӣ дар бахши расмии иқтисодиёт ва паст будани ҳаҷми музди меҳнат дар онҳо;
- кам будани дархости корфармоён ба кормандон, ҳатто ба кормандони боихтисос дар соҳаҳои сохтмону саноат;
- риоя нагардидани қоидаҳои муносибатҳои меҳнатӣ ва зиёд будани ҳаҷми шуғли ғайрирасмӣ;
- кам шудани мурочиати аҳолии бекор ва корҷӯянда ба мақомоти давлатии меҳнат ва шуғли аҳолӣ;
- нокифоя будани тадбирҳои ҳавасмандгардонӣ дар нигоҳдорӣ ва таъсисдиҳии ҷойҳои корӣ ва ҷалбшавӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ;
- нокифоя будани ташкили ксбомӯзии аҳолӣ ва ҳамзамон ҷалбшавии бештари шаҳрвандони касбомӯхта ба корҳои муваққатӣ, хонагӣ ва худишғоли қонунӣ;
- набудани омори дуруст ба роҳ мондашудаи нишондодҳои бозори меҳнат ва шуғлнокии аҳолӣ.

**Ҳадаф ва вазифаҳо дар соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ:**

**Ҳадаф:** - Беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба кор ва меҳнати арзанда;

**Вазифаи 1: - т**аъсис ва барқарорсозии ҷойҳои корӣ, пешниҳоди саривақтии ҷойҳои кори холӣ ва вазифаҳои озод ба корҷӯён, мусоидатнамоии бештар баҳри бо шуғли пурсамар таъмин гардидани аҳолӣ;

**Вазифаи 2: - м**утобиқ гардонидани сатҳи касбияти корҷӯён ба талаботи бозори меҳнат тавассути ташкили касбомӯзони онҳо, беҳтар намудани сифати таълим ва сифати касбомӯзонӣ. Бештар ба роҳ мондани омӯзиши номгӯи касбу ҳунарҳо дар муассисаҳои таълимии касбомӯзонӣ;

**Вазифаи 3:**, - кӯмакрасониҳои машваратию молиявӣ барои машғул шудан ба соҳибкорӣ, ташкили корҳои ҷамъиятии музднок барои корҷӯёни беихтисос ва ташкили роҳнамоии касбӣ дар интихоби касбу ҳунари ба талаботи бозори меҳнат мувофиқ;

**Вазифаи 4: - т**аъмини риояи талаботи шарикии иҷтимоӣ, бештар намудани корҳои маълумотдиҳию фаҳмондадиҳӣ дар самти муносибатҳои меҳнатӣ;

### 4.5. Варзиш ва ҷавонон.

#### 4.5.1. Вазъи кунунӣ

Ҳадафи асосии соҳаи варзиш – оммавӣ гардонидани ҳаракати тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, тақвияти самаранокии фаъолият дар самти мазкур ва пешбурди тарзи ҳаёти солим мебошад. Тибқи нишондиҳандаҳои оморӣ ба санаи 1 январи соли 2020 аз шумораи умумии аҳолии шаҳри Ҳисор 52%-ро шахсони то 30 сола ва 34,2%-ро шахсони аз 14-29 сола ташкил медиҳанд ва нисбат ба соли 2015 шумораи ҷавонон 2,2% афзоиш ёфтааст.

Дар шаҳр 1 мактаби варзишӣ аз рӯи 14 намуди варзиш фаъолият менамоянд, ки дар онҳо 26 мураббӣ ба таълиму тарбияи варзишгарони ҷавону наврас машғуланд. Дар шаҳр 123 майдончаҳои варзишӣ ва 96 толорҳои варзишӣ мавҷуд мебошад, ки нисбати соли 2015 мутаносибан 8 ва 13 адад зиёд мебошад.

Айни замон, аз ҷониби соҳибкорони маҳаллӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтмони 14 толор ва 40 майдончаи варзишӣ ба нақша гирфта шудааст, ки дар давраи миёнамуҳлат ба истифода супорида мешаванд.

Мавриди қайд аст, ки аксарияти толорҳо ва майдонҳои варзишие, ки дар тобеияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ қарор доранд, аз таъмир бароварда шуданд.

**<u>Мушкилотҳои асосии соҳаи варзиш:</u>**

- норасогии таҷҳизотҳои варзишӣ дар толорҳо ва майдонҳои варзишӣ;
- зарурияти тақвияти корҳо барои татбиқи барномаҳои алоҳидаи оммавигардонии варзиш;
- норасогии толору майдончаҳои варзишӣ дар деҳаҳои дурдаст;
- набудани бинои “Маркази ҷавонон” ва маблағгузорӣ нагардидани барномаҳои соҳаи варзиш дар шаҳр.

**<u>Ҳадаф ва вазифаҳои соҳаи варзиш:</u>**

**Ҳадаф:** - баланд бардоштани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои соҳаи варзиш ва тақвияти сатҳи маънавиёт, ватанпарсатии ҷавонон ва тарғиби тарзи ҳаёти солим;

**Вазифаи 1:** - беҳтар намудани фаъолияти муассисаҳои варзишӣ ва ташкили чорабиниҳо варзишии пурмаҳсул бо иштироки васеи аҳолӣ;

**Вазифаи 2:** - беҳтар намудани инфрасохтори варзишӣ.

### 4.6. Бахши фарҳанг

#### 4.6.1. Вазъи кунунӣ

Бахши фарҳанги шаҳри Ҳисор фаъолияти худро тибқи талаботи асноди меъёрӣ-ҳуқуқии соҳавӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг», «Барномаи рушди муассисаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020», «Консепсияи рушди фарҳанг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2030», Низомнома ва нақшаи корӣ самаранок ба роҳ монда, дар иҷрои қарорҳои ҳукумат, Амру дастурҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон, хосса он ҳидояту дастуроте, ки дар Паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа намуданд ва қарору фармоишоти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ҳисор ба натиҷаҳои назарраси меҳнатию эҷодӣ ва дастовардҳои хуби соҳавӣ ноил гардида истодаанд.

Дар бахши фарҳанги шаҳри Ҳисор барои иҷрои марҳилавии нишондоди «Барномаи рушди муассисаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» дар ҳамкорӣ бо масъулони бахшу шуъбаҳо, намояндагони Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ҳисор тадбирҳои саривақтию зарурии амалӣ андешида мешаванд

Дар асоси қарори раиси шаҳри Ҳисор аз 20 майи соли 2016, №502 бо замимаи нақшаи чорабиниҳо доир ба масъалаи мазкур дар бахши фарҳанги шаҳр нақшаи мушаххаси чорабиниҳо тартиб дода шуда, «Барномаи рушди муассисаҳои фарҳангии шаҳри Ҳисор барои солҳои 2016-2025» таҳияву омода карда шудааст, ки марҳила ба марҳила амалӣ гардида истодааст. Айни ҳол дар бахши фарҳанги шаҳри Ҳисор ҳамагӣ 289 нафар, аз ҷумла 114 нафар занҳо кору фаъолият доранд.

Муассисаҳои фарҳангии зертобеи бахши фарҳанг 42 адад буда, фаъолияташон аз рӯи нақшаҳои моҳонаи тасдиқгардида ба роҳ монда шудааст. Аз ин шумора 14 ададро муассисаҳои клубӣ-эҷодӣ ташкил медиҳад.

### 4.6.2. Кохи фарҳанги шаҳр.

Кохи фарҳанги шаҳри Ҳисор соли 2015 бунёд шуда, толори он дорои 700 ҷои нишаст аст. Бинои мазкур бо харҷи 24 мил. 575 ҳазору 250 сомонӣ сохта, ба истифода дода шудааст.

### 4.6.3. Филармонияи халқии ба номи Тоҷиддин Муҳиддин.

Филармонияи халқии ба номи Тоҷиддин Муҳиддин дар бинои Кохи фарҳанги шаҳр фаъолият намуда, аз 3 гурӯҳи ҳунарӣ иборат аст:

Ансамбли «Фалак»

Ансамбли «Шашмақом»

Ансамбли рақсӣ

### 4.6.4. Театри халқии бахши фарҳанг.

Театри халқии бахши фарҳанг низ дар Кохи фарҳанг ҷойгир карда шуда, фаъолияти ҳунарию эҷодиро хуб пеш бурда истодаанд.

Дар назди ҷамоати шаҳраку деҳоти шаҳр 11 адад марказҳои фарҳангу фароғатӣ фаъолият намуда, ба мардуми деҳот хизмати фарҳангӣ мерасонанд.

### 4.6.5. Китобхонаи марказӣ.

Китобхонаи марказӣ бо 24 китобхона-филиалҳо дар назди ҷамоати шаҳраку деҳот фаъолияти назаррас доранд. Ҳамасола фонди китобхонаҳо зиёд карда мешаванд. Фонди умумии китобхонаҳо 211 596 нусхаро ташкил медиҳад. Аз ҷумла, 120462 нусха бо забони тоҷикӣ, 82704 бо забони русӣ ва бо дигар забонҳо 8430 нусхаро дарбар мегирад.

Дар Китобхонаи марказӣ шуъбаи электронӣ вуҷуд дорад, ки махзани он то имрӯз зиёда аз 1315 нусха китобро ташкил медиҳад.

### 4.6.6. Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносӣ.

Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносӣ дар муайянсозӣ, ҳифзу нигаҳдошт ва муаррифии осори таърихӣ нақши сазовор дорад. Осорхона 7 шуъба дошта, 5560 нигора ва осори таърихиро дарбар мегирад.

Дар назди бахши фарҳанги шаҳр боғи фарҳангию фароғатӣ дар масоҳати 3,6 га таъсис дода шуда, фаъолият дорад, ки ҳама ҳуҷҷатҳои зарурӣ мувофиқи талаботи асноди меъёрӣ-ҳуқуқӣ барои фаъолияти боғи мазкур ба расмият даровардa, тасдиқ карда шудааст.

Дар шаҳри Ҳисор 88 адад ёдгориҳои таърихӣ ба ҳисоб гирифта шуда, ба феҳрасти ягона дохил карда шудаанд. Яке аз ёдгориҳои қадима Мамнӯъгоҳи таърихии Ҳисор мебошад, ки то имрӯз шаҳомати худро гум накарда, мавзеи тамошо ва саёҳати меҳмонон ва саёҳони дохил ва хориҷ гаштааст.

**Мушкилоти асосӣ дар соҳаи фарҳанг:**

- сохта ба истифода додани бинои наву замонавӣ барои мактаби санъат;
- аз тавозуни ҷамоатҳои шаҳраку деҳот баровардани бинои марказҳои фарҳангу фароғатӣ ва бо биноҳои алоҳида ва толорҳои фарҳангӣ таъмин намудани онҳо;
- бо асбобҳои наву муосири пуриқтидори мусиқӣ таъмин намудани бахши фарҳанг ва зерсохторҳои он;
- таъмини боғи фарҳангу фароғатӣ бо чархофалаку атарксионҳои замонавӣ;
- таъсис додани шабакаи радиои Ҳисор ва таъмини он бо таҷҳизоти техникии зарурӣ;
- зиёд намудани адади китобҳои бадеӣ ва бачагона дар китобхона-филиалҳо;
- таъмир ва сертификаткунонии мавзеъҳо ва ёдгориҳои таърихӣ.

**Ҳадаф ва вазифаҳои соҳаи фарҳанг:**

**Ҳадаф:** - баланд бардоштани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои соҳаи фарҳанг ва тақвияти сатҳи маънавиёт;

**Вазифаи 1:** - баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои фарҳангӣ;
**Вазифаи 2:** - беҳтар намудани инфрасохтори фарҳангӣ.

### 4.7. Соҳаи сайёҳӣ.

#### 4.7.1. Вазъи кунунӣ.

Рушди соҳаи сайёҳӣ бахри рушди иқтисодиву иҷтимоии шахр яке аз самтҳои афзалиятнок ба шумор рафта, ҷиҳати ғанӣ гардонидани буҷети маҳаллӣ нақши назаррасро ишғол менамояд. Шаҳр дорои табиати нотакрор ва мавзеъҳои хушбоду ҳаво, обҳои зулол ва чашмаҳои шифобахш, мебошад, ки метавонанд ба яке аз самтҳои сердаромадтарии иктисодиёти шаҳр табдил гардад. Бахусус, дар шаҳр имкониятҳои мусоид ҷиҳати рушди сайёҳии зиёратӣ, таърихиву фарҳангӣ, табобативу солимгардонӣ, сайёҳии гастрономӣ, агро ва эко сайёҳӣ, кӯҳнавардӣ, кемпинг ва дигар намудҳо мавҷуд мебошанд.

Дар шаҳр ба истиснои Мамнунгоҳи таърихии Ҳисор як қатор ёдгориҳои таърихӣ, зиёратгоҳҳо мавҷуданд, ки ҳангоми таъмир ва барқарор намудани онҳо метавонанд ба худ диққати саёҳони дохиливу хориҷиро ҷалб намоянд, аз ҷумла, шаҳраки Ҷалоилтеппаи Калон (мансуб ба асрҳои IV-I то мелод), шаҳраки воқеъ Ҷалоилтеппаи Хурд (мансуб ба асрҳои III-I то мелод) воқеъ дар деҳаи ҳосилоти ҷамоати деҳоти Мирзо Ризо, қалъаи Варзеб (мансуб ба асрҳои V-VII-и мелодӣ) воқеъ дар қисмати шимолии деҳаи Тудаи Ҷамоати деҳоти Мирзо Ризо, ёдгориҳои шаҳраки Табақдара ( мансуб ба асрҳои XIV-XVI-и мелодӣ) воқеъ дар деҳаи Хоҷачилдиёри болои Ҷамоати деҳоти Мирзо Ризо ва ғайра.

Дар шаҳр солҳои охир рушди мунтазами меҳмонхонаҳо, муассисаҳои хӯроки умумӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва дигар намудҳои хизматрасониҳои саёҳӣ дида мешавад.

Қалъаи Ҳисор яке аз хатсайрҳои маъмулии сайёҳони дохиливу хориҷӣ маҳсуб меёбад. Ин мавзеи таърихӣ бо қарори махсуси ҳукумат соли 1982 бо номи Мамнӯъгоҳи таърихию фарҳангии Ҳисор номгузорӣ шуда, ҳудуди 22 гектарро доро мебошад.

Ин марз бостонист ва зиёда аз 3000-сол қабл инҷо маркази тамаддуни волое арзи ҳастӣ дошт. «Мамнӯъгоҳи таърихию фарҳангии Ҳисор» осорхонаест зери фазои кушод ва қимати беҳамтои таърихӣ, бостонӣ ва меъморӣ.

Айни замон дар атрофи он инфрасохтори муассисаҳои хӯроки умумӣ ва хизматрасониҳои гуногуни сайёҳӣ рушд намуда, ҳазорҳо сайёҳони дохиливу хориҷиро дар тамоми фаслҳои сол ба худ ҷалб менамояд. Тибқи таҳлилҳо инкишофи сайёҳии таърихиву фарҳангӣ, гастраномӣ дар мавзеи Қалъаи Ҳисор яке аз нуқтаҳои устувори рушди соҳаи сайёҳии шаҳр ба ҳисоб рафта, дар сурати дастгирии мақсадноки он дар оянда метавонад ба яке аз хатсайрҳои муҳими кишвар табдил гардад.

**Мушкилотҳои асосии соҳаи сайёҳӣ:**

- суст будани диверсификатсия ва рақобатпазирии хизматрасониҳои сайёҳии шаҳр;
- нокифоя истифода шудани нуқтаҳои рушди соҳаи сайёҳӣ, аз ҷумла Мамнӯъгоҳи таърихию фарҳангии Ҳисор ва дигар мавзеъҳои таърихӣ, силсилаи муассисаҳои хӯроки умумӣ дар шаҳраки хӯрокхо “Ҳисор-Фуд сити” ва Сунбулаи Ҷамоати деҳоти Ҳисор, дараи Алмосӣ, мавзеи рекриатсионии Шамал, оби гарми Хирманак, Шоҳамбарӣ, Кони намак ва ғайраҳо;
- ба талабот ҷавобгу набудани хизматрасониҳои сайёҳӣ;
- суст ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо ассотсиятсаҳои сайёҳӣ ва ниҳодҳои махсусгардонидашуда оид ба ташакул ва таҳияи маҳсулотҳои сайёҳӣ;
- ҳавасмандии сусти шаҳрвандон оид ба ташкил намудани хизматрасониҳои сайёҳии ҷомеавӣ;
- набудани ширкатҳои сайёҳии маҳаллӣ ва маҳсудияти зарфияти соҳибкорон дар ин самт;
- набудани хостелҳо, кемпингҳо, мотелҳо ва хизматрасониҳои муосири сайёҳӣ;
- мутобиқ набудани инфрасохтори мавҷудаи сайёҳӣ ба талаботҳои муосир;
- ба талабот ҷавобгӯ набудани нақлиёти ҷамъиятӣ, дастрасӣ ба алоқаи интернет;
- истифода нашудани платформаҳои электронӣ оид ба муарифии маҳсулоти сайёҳии шаҳр;
- нарасидани мутахассисони баландихтисос ва соҳибкасбони соҳаи сайёҳӣ (роҳбаладҳо, кормандони меҳмонхонаҳо, пешхизматҳо, ҳунармандони мардумӣ);
- набудани бренди маҳаллӣ ва суст будани муарифии маҳсулоти сайёҳӣ.

**Ҳадаф ва вазифаҳои соҳаи сайёҳӣ:**

**Ҳадаф:** - баланд бардоштани рақобатнокӣ ва диверсификатсияи хизматрасониҳои соҳаи сайёҳӣ;

**Вазифаи 1:** - рушди низоми идоракунии соҳаи сайёҳӣ дар шаҳри Ҳисор;

**Вазифаи 2:** - таҳкими зарфият, маълумотнокӣ ва ҳавасмандгардонии шаҳрвандон оид ба ташкили фаъолият ва хизматрасониҳои сайёҳӣ дар шаҳри Ҳисор;

**Вазифаи 3:** - рушди сайёҳии фарҳангиву таърихӣ;

**Вазифаи 4:** - рушди сайёҳии гастрономӣ;

**Вазифаи 5:** - рушди инфрасохтори сайёҳӣ.

### 4.8. Масъалаҳои гендерӣ.

Доир ба рушди баробарии гендерӣ дар шаҳр шуъбаи кор бо занон ва оила фаъолиятро ҷиҳати татбиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 3 декабри соли 1999, №5 «Дар бораи баланд бардоштани мавқеу мақоми зан дар ҷомеа», дигар Барномаҳои давлатӣ аз ҷумла, «Тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2017-2022», «Барномаи пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023», «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020», «Консепсияи рушди оила» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ монда, баҳри тарбия намудани занону ҷавондухтарон дар рӯҳияи созандагиву бунёдкорӣ, масъулиятшиносиву эҷодкорӣ ва оиладорӣ, эҳё намудани ҳунарҳои мардумӣ мусоидат менамояд.

Дар соҳаи тандурустӣ 1427 нафар занон ва дар соҳаи маориф 2388 нафар занон кору фаъолият доранд.

Дар шаҳр шумораи умумии кадрҳои роҳбарикунанда 1254 нафар буда, аз ин ҳисоб 433 нафарашонро занон ташкил медиҳанд, ки нисбати соли гузашта 28 адад зиёд мебошад (соли 2017 - 405 нафар, 2019 - 433 нафар). Аз ҷумла, дар соҳаи саноат дар маҷмуъ 274 нафар роҳбарон фаъолият дошта, аз ин шумора 47 нафар ва ё 17 фоизро занҳо ташкил медиҳанд.

Дар соҳаи иқтисод шумораи шахсони роҳбарикунанда 38 нафар буда, аз онҳо 12 нафар занон мебошанд, ки ин 32,4 фоизро ташкил медиҳад.

Дар соҳаи кишоварзӣ аз 614 нафар роҳбарон 239 нафарашон занон буда, 38,9 фоизро ташкил медиҳанд.

Дар соҳаи иҷтимоӣ шахсони роҳбарикунанда 310 нафар буда, аз ин ҳисоб 129 нафар ва ё 42 фоизро занон ташкил медиҳанд.

Дар шаҳр 39 нафар занон дар хизмати давлатӣ фаъолият доранд, ки 12 нафарашон дар мақомоти иҷроия, 26 нафарашон дар ҷамоатҳои деҳот кор мекунанд. Аз ин шумора нафарони роҳбарикунанда 17 нафар мебошад.

Ҳайати Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Ҳисор аз 12 нафар занон иборат аст. Ҳайати Маҷлиси вакилони ҷамоатҳою деҳот аз ҳисоби занон 115 нафарро ташкил медиҳанд.

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар самти ҷалби занон ба мансабҳои роҳбарикунанда дар соҳаҳои тандурустӣ ва маориф тамоюли болоравӣ ба назар мерасад.

Дар шаҳр 78 нафар занон ба соҳибкории хурду миёна машғул буда, ҷиҳати пешрафт ва шукуфоии шаҳри азизамон саҳми муносиби худро гузошта истодаанд.

Таъсиси квотаи Президентӣ барои таҳсили духтарон, ҷудо гардидани грантҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди соҳибкории занон, ба шуғл ва касбомӯзӣ ҷалб намудани занону духтарон, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва ғамхорӣ нисбати солимии модару кӯдак, барои беҳтар гаштани вазъи занон дар ҷомеа, мусоидат намуданд. Аз соли 2007 то инҷониб дар байни 70-75 нафар хонандагон 20 нафар тибқи квотаи Президентӣ дар муассисаҳои олии касбӣ таҳсил менамоянд.Тибқи квотаи Президентӣ 10 нафар донишҷӯдухтарони шаҳр дар муассисаҳои олии касбӣ таҳсил намуданд.

Бо мақсади иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023”, қарори Раиси шаҳр аз 29 январи соли 2015, №75 қабул гардид, ки аз 19 банд иборат мебошад. Ҷиҳати иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2014, №294“Дар бораи Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023” шуъбаи кор бо занон ва оила як қатор корҳои назаррасро дар соли 2020 ба анҷом расонид.

Шуъбаи кор бо занон ва оила дар якҷоягӣ бо шуъбаи маориф, беморхонаи марказӣ, кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ, Агентии омор, бахшҳои сармоягузорӣ, рушди соҳибкорӣ ва идораи амволи давлатӣ, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоӣ, дин, танзими анъана ва ҷашну маросим, кор бо ҷавонон ва варзиш, сайёҳӣ, САҲШ, рӯзномаи шаҳрии “Ҳисори Шодмон”, ШВКД ва ҷамоатҳои шаҳраку деҳот тибқи нақша-чорабиниҳо дар бораи “Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023” дар байни аҳолӣ суҳбату вохӯриҳо гузаронида, оид ба муроҷиати шифоҳӣ ва муроҷиати хаттии шаҳрвандон дар масъалаҳои зӯроварӣ, хушунат дар оила ва барои пешгирии ҷудошавии оилаҳо чораҷӯӣ ва баъзе аз мушкилиҳои бамиёномадаро баррасӣ намуд.

Нақшаи чорабиниҳо дар бораи “Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023” барои соли 2020 аз 19 банд иборат буда, дар давоми соли ҷорӣ банд ба банд аз тарафи масъулини шуъба иҷро гардида истодааст, тибқи бандҳои нақша дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳот бурдани корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила”, гузаронидани вохӯриҳо ва ташкил намудани викторинаҳо дар байни хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар мавзӯи “Зиндагӣ бидуни зӯроварӣ”, ташкил ва баргузор намудани семинарҳои омӯзишӣ, мизҳои мудаввар барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, гузаронидани конфронсҳои илмию амалӣ ва вохӯриҳо барои дарёфти роҳҳои нави пешгирии зӯроварӣ дар оила ва дигар омилҳои номатлуби ҷомеа, ҷалби ходимони дин барои мусоидат дар пешгирии ҳодисаҳои номатлуб дар оила, гузаронидани суҳбату вохӯриҳо ва мизҳои мудаввар дар амалӣ гардонидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” ва аҳамияти таҳсилот на танҳо барои писарон, ҳамчунин барои духтарон мунтазам ба роҳ монда шудааст.

Бо ин мақсад, ҷиҳати иҷрои нуктаҳои асосии Паёми Пешвои миллат дар соли 2020 дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳот аз тарафи шуъбаи кор бо занон ва оилаи шаҳри Ҳисор зиёда аз 46 маротиба мулоқотҳои судманд дар байни аҳолӣ гузаронида шуд, ки дар ҳар як баромад дар бораи Қонуни

Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди “Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023” суханрониҳо намуда, ҷиҳати ҷалб намудани падару модарон, аҳли зиё ва ҷамоатчигии шаҳр, бурдани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолӣ, махсусан раванди таълиму тарбияи наврасону ҷавонон, пешгирии ҳолатҳои номатлуб, мисли худкушию худсӯзӣ, зӯроварӣ дар оила, пешгирии никоҳи бармаҳал, бо мақсади баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии занону духтарон корҳои назаррас роҳандозӣ карда шуданд.

Инчунин, шӯъбаи кор бо занон ва оилаи назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ҳисор бахри иҷрои қарори раиси шаҳр аз 17 апрели соли 2020, тахти №487 оид ба таҷлили ҷашни Рӯзи байналхалқии оила ба тасвиб расидааст, амал намуда, чорабиниҳоро бахшида ба Рӯзи байналхалқии оила дар доираи маҳдуд гузаронида, ҷиҳати ҳифзи манфиатҳои оила, нақши оила дар рушду инкишофи ахлоқӣ, маънавӣ ва ифтихори худшиносии миллӣ, бунёди оилаҳои солим, баланд бардоштани маърифати оиладорӣ, пешгирии пошхӯрии оилаҳо, ҳодисаҳои номатлуб, никоҳи бармаҳал, зӯроварӣ дар оила ва тарғиби тарзи ҳаёти солим оид ба оилаҳои намунавие, ки таҷрибаи ибратомӯз доранд, инчунин ҷиҳати пешгирии паҳншавии бемории сироятии коронавирус COVID-19 бо ҷалби занони собиқадору обрӯманд бо усули хона ба хона вохӯриҳо гузаронида шуд.

Инчунин, оиди мавзуъҳои мазкур тариқи шабакаҳои телевизионӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ маълумотҳо ва аксҳо инъикос карда шуд.

Бояд қайд намоем, ки дар соли 2019 шумораи нафароне, ки бо мақсади худкушӣ ва сӯиқасд ба ҷони худ дар ҳолати вазнин дар беморхонаи шаҳри Ҳисор бистарӣ гаштанд, ба 7 нафар расида буд ва дар соли 2020 бошад, ин амал ба 8 нафар расидааст.

**<u>Мушкилотҳои асосӣ дар самти гендерӣ:</u>**

- сатҳи пасти донишҳои ҳуқуқии занону духтарон;
- пурра фаро гирифта нашудани занону духтарони хонашин бо ҷойи кори мавсимию муваққатӣ ва доимӣ;
- таъсири манфии муҳоҷирати меҳнатӣ ба занону духтарони оилаҳои муҳоҷирон.

# БОБИ 5. ИНФРАСОХТОР

## 5.1. Хоҷагии манзилию коммуналӣ.

### 5.1.1. Вазъи кунунӣ.

Дар шаҳри Ҳисор ба фаъолияти манзилию коммуналӣ асосан Корхонаи давлатии фаръии “Хоҷагии манзилию коммуналӣ ва сохтмонӣ” машғул мебошад. Дар муассиса 32 нафар коргарон фаъолият менамоянд. Корхонаи давлатии фаръии “Хоҷагии манзилию коммуналӣ ва сохтмонӣ”-и шаҳри Ҳисор дар асоси “Оиннома” дар натиҷаи азнавташкилдиҳии

Муассисаи серсоҳаи хоҷагии манзилию рифоҳии шаҳри Ҳисор, мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №357 аз 31-уми июли соли 2001-ум ва фармони КВД "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" таҳти №19/7 аз 28.09.2001 сол таъсис ёфтааст.

Корхонаи давлатии фаръии "Хоҷагии манзилию коммуналӣ ва сохтмони"-и шаҳри Ҳисор дар фаъолияти хеш тобеъи КВД "Хоҷагии манзилию коммуналӣ"-и Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Корхонаи мазкур асосан партовҳои сахти маишӣ ва пасобаҳоро аз ҳудуди Ҷамоати шаҳраки Ҳисор дар асоси шартнома байни корхона ва муштариён ба партовгоҳи муваққатӣ интиқол медиҳад. Инчунин, корхонаи мазкур ба якчанд ташкилотҳо, аз ҷумла, хона-интернат, мактабҳо ва корхонаҳои хусусии хурд хизмат мерасонад.

**Мушкилотҳои асосӣ дар самти хоҷагии манзилию коммуналӣ:**

- паст будани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои ХМК;
- оғоз нагаштани фаъолияти партовгоҳи марказӣ;
- нокифоягии техникаи махсуси коммуналӣ;
- пурра шартномабандӣ нагаштани муштариён;
- сатҳи пасти ҷамъоварии маблағи хизматрасониҳои коммуналӣ.

**Ҳадаф ва вазифаҳо дар самти хоҷагии манзилию коммуналӣ:**

**Ҳадаф:** - беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои манзилию коммуналӣ;

**Вазифаи 1:** - беҳтар намудани инфрасохтори ХМК-и шаҳрак ва деҳот.

### 5.2. Таъмини оби нӯшокӣ ва масъалаҳои корезӣ

#### 5.2.1. Дастрасии аҳолӣ ба оби тозаи нӯшокӣ.

Беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ ва баланд бардоштани сатҳ ва сифати хизматрасонӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати имрӯзаи ҳукумати мамлакат ба ҳисоб меравад. Айни ҳол корхонаи "Минтақаҳои истеҳсолию техникии шаҳри Ҳисор" 90% аҳолии шаҳр, қисман Ҷамоати деҳоти Деҳқонобод ва Ҷамоати деҳоти Ҳисорро бо оби тозаи ошомиданӣ таъмин намуда истодааст.

Ҳамзамон, корхонаи мазкур 53 адад ташкилотҳои буҷетӣ, 24 адад ташкилотҳои худидоракунии давлатӣ ва 178 адад ташкилотҳои хусусии тиҷоратиро бо оби тоза таъмин намуда, хизматрасонии коррезиро амалӣ менамояд.

Бо мақсади дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани таъминоти аҳолӣ бо оби нӯшокӣ, барқарорсозии шабакаҳои обтаъминкунӣ, хатҳои обгузар ва таъмини фаъолияти муназзами пойгоҳҳои обтаъминкунӣ лозим мебошад.

Дар асоси қарори Ҳукумати ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №514 аз 2 декабри соли 2006 ва дар асоси он қарори Раиси ноҳияи Ҳисор аз 27 феврали соли 2007, таҳти №105 дар бораи тасдиқи Барномаи беҳтар намудани таъминоти аҳолии ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нушокӣ

барои солҳои 2008 – 2020 таҳти корбарӣ гирифта, як қатор корҳои назаррас низ ба анҷом расонида шудааст.

Аз ҷумла, аз ҷониби Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд дар асоси Созишномаи сеҷониба ва "Лоиҳаи баркарорсозии системаҳои обтаъминкунии шаҳрҳои маркази Ҷумҳурии Тоҷикистон" соли 2014 ба маблағи 3 млн. 326,9 доллари ИМА ҷудо карда шудааст, ки 60 фоизи маблағи мазкур грант мебошад.

Аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба маблағи 25,6 ҳазор сомонӣ ҷудо гардида, бо мақсади беҳтар намудани сатҳу сифати таъминоти оби нӯшокӣ ва хизматрасонии коррезӣ барои аҳолии шаҳр равона шудааст. Бо ин маблағ пойгоҳҳои нави обтаъминкунӣ, чоҳҳои амудӣ, обанборҳои нав бо ҳаҷми то 5000 метри мукааб хатҳои асосии оби нӯшокӣ ва коррезӣ сохта ба истифода дода шуд. Ғайр аз ин иншооти обтозакунӣ таъмиру таҷдид гардида, аз рӯи лоиҳа пурра ба кор даровarda шуд.

Хатҳои асосии нави коррезӣ 9 км ба маблағи 14,7 ҳазор сомонӣ ба истифода дода шудааст.

**Мушкилотҳои асосӣ дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва масъалаҳои корезӣ:**

- сатҳи пасти дастрасии аҳолӣ ба оби тозаи нӯшокӣ дар деҳот;
- зарурияти пурра ба тавозуни корхонаи обу коррезӣ гузаронидани чоҳҳои амудӣ, ҷиҳати дақиқ ва дуруст ба ҳисоб гирифтани таъминоти аҳолӣ бо оби тозаи нушокӣ.

**Ҳадаф ва вазифаҳо дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва масъалаҳои корезӣ:**

**Ҳадаф:** - беҳтар намудани дастрасии умумии аҳолӣ ба оби нӯшиданӣ, санитария ва беҳдошт (ҲРУ 6.1);

**Вазифаи 1:** - додани иншоотҳои обӣ нӯшиданӣ, шабакаҳои обтаъминкунии моликияти давлатӣ дар қаламрави шаҳр ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар асоси механизми ШДБХ, созишнома , консессия, иҷора ё дигар шаклҳои шарикӣ;

**Вазифаи 2:** - беҳтар намудани инфрасохтори таъминоти оби нӯшиданӣ ва корезӣ дар маҳаллаҳои шаҳр ва деҳот.

### 5.3. Роҳу нақлиёт.

#### 5.3.1. Вазъи кунунӣ.

Нигоҳдории роҳҳои дохилишаҳрӣ ва роҳҳои аҳамияти ҷумҳуридошта ба зиммаи Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди (МДНРА) шаҳри Ҳисор вогузор гардидааст. Муассисаи мазкур тобеи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Муассиса дорои 14 адад техникаҳои роҳсозӣ ва таҷҳизотҳо мебошад.

Муассисаи мазкур ба 246,23 км роҳҳои истифодабарии умум хизматрасонӣ менамояд, ки аз он 24 км роҳҳои байналмилалӣ, 46,2 км роҳҳои ҷумҳуриявӣ ва 176,3 км роҳҳои маҳаллӣ мебошанд.

Дар давоми солҳои 2015-2020 ба МДНРА барои фаъолият, таъмир ва нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди шаҳр аз буҷети ҷумҳурӣ ва маҳаллӣ дар маҷмуъ зиёда аз 4,5 млн. сомонӣ равона гардидааст.

Дар доираи маблағҳои ҷудошуда аз ҷониби муассисаи мазкур зиёда аз 35 км роҳ таъмири асосӣ (мумфарш), 360 км таъмири ҷорӣ гардида, 4 адад пул бо дарозии 94 метр таъмир карда шудааст.

Аз ҳудуди шаҳр роҳи автомобилгарди “Душанбе-Турсунзода-сарҳади Ҷумҳурии Узбекистон” мегузарад. Ба воситаи ин роҳ маҳсулоти истеҳсолгардида аз нуқтаҳои истеҳсолӣ ва коркард ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ва хориҷи кишвар интиқол мегардад.

Дар доираи татбиқи барномаи рушди шаҳр таҷдиду барқарорсозӣ ва бунёди роҳҳои нав, беҳтар намудани сифати роҳҳо, бунёди инфрасохтори замонавии нақлиётӣ, сохтмон ва таъмири роҳҳои дохилишаҳрию маҳаллӣ пешбинӣ мегардад.

### 5.3.2. Нақлиёти мусофиркаш.

Корҳои мусофиркашонӣ ва боркашонӣ дар шаҳр асосан тавассути бахши хусусӣ амалӣ мешавад. Дар шаҳр 4 корхонаи нақлиётӣ ва терминали мусофирбарӣ дар асоси иҷозатномаи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамоянд, ки ҳамаи онҳо дар даврони истиқлолият таъсис дода шудаанд. Ҳамчунин, дар шаҳр 4 нуқтаҳои хизматрасонии техникӣ фаъолият менамоянд.

Дар соли ҳисоботӣ дар миқёси шаҳр 2259 адад воситаҳои нақлиёти автомобилӣ ба қайд гирифта шудаанд. Таъминоти муассисаҳои нақлиётӣ бо автобусҳои наву замонавӣ, мошинҳои сабукрави махсусгардонидашуда (таксӣ), ташкил намудани нақлиёти мусофиркашонии муосир, аз ҷумла хатти автобус ва ба талаботи муосир ҷавобгӯй намудани хатсайрҳои дохилишаҳрӣ барои бартараф намудани мушкилоти мусофиркашонӣ ва фароҳам овардани шароити хуби хизматрасонии босифат ба сокинону меҳмонони шаҳр мусоидат менамояд.

**Мушкилотҳои асосӣ дар соҳаи нақлиёт ва хоҷагии роҳ:**

- ҳолати ғайриқаноатбахши техникии кӯчаҳои дохилии шаҳраку деҳот, фарсуда ва танг будани роҳҳои хиёбону кӯчаҳои маркази шаҳр;
- зарурияти азнавсозию барқарорсозии роҳҳои дохилии кӯчаҳои маркази шаҳр;
- норасогии техникаи нави роҳсозӣ (автогрейдер, мехлопата, мошини боркаш, мошини мумфаршкунанда);
- норасоии нақлиёти мусофиркашонии ҷамъиятӣ;
- таъмирталаб будани пулҳои мошингузар дар деҳот;
- набудани пайроҳаи велосипедронӣ дар шафати роҳҳои автомобилгард;

- набудани таҷҳизоти муосир барои беҳтар гаштани фаъолияти истеҳсолии корхонаи асфалтбарорӣ.

**Ҳадаф ва вазифаҳо дар соҳаи нақлиёт ва хоҷагии роҳ:**

**Ҳадаф:** - беҳтар намудани ҳолати роҳҳои шаҳрак ва деҳот;

**Вазифаи 1:** - беҳтар намудани инфрасохтори роҳои шаҳрак ва деҳот.

## 5.4. Таъминоти барқ.

### 5.4.1. Вазъи кунунӣ.

Шабакаи барқи шаҳри Ҳисор аз соли 1958 дар тобеияти ЛДВРЭС "Шабакаи Барқи Марказӣ" ташкил гардида, аз соли 1960 ҳамчун шабакаи барқи ноҳияи Ҳисор дар тобеияти Шабакаҳои Барқи Марказӣ фаъолият дорад. Аз январи соли 2016 бо сабаби мақоми шаҳрро соҳиб шудани ноҳияи Ҳисор, муассисаи мазкур ҳамчун "Шабакаи барқи шаҳри Ҳисор" фаъолият карда истодааст.

Дар "Шабакаи барқи шаҳри Ҳисор" 111 нафар мутахассисон фаъолият доранд, ки аз ин 19 нафар кормандони муҳандисию техникӣ буда, ба 322433 аҳолии шаҳр ҷиҳати барқтаъминкунӣ хизматрасонӣ менамояд.

Дар ҳудуди шаҳри Ҳисор 8 адад зеристгоҳи барқӣ мавҷуд мебошад. Аз ду зеристгоҳи барқии дигар, аз ҷумла зеристгоҳи барқии "Чоряккорон" бо шиддатнокии 110/35/10 кВ ва зеристгоҳи барқии "Шайнак" бо шиддатнокии 35/10 кВ, ки дар ҳудуди ноҳияи Рудакӣ қарор доранд, як қисми аҳолии ш.Ҳисор ва як қисм аҳолии ҷамоатҳои деҳоти Сомон ва ҷ/ш Шароро бо барқ таъмин менамояд.

Иқтидори умумии зеристгоҳҳои барқии номбар шуда 425,5 МВт буда, аз онҳо як адад ЗБ "Шаҳринав -2" бо шиддатнокии 220/110/35/10 кВ, 2 адад ЗБ бо шиддатнокии 110/35/10 кВ "Ҳисор" ва ЗБ "Дзержинская" бо шиддатнокии 110/35/10 кВ, 2 адад ЗБ "Қарамқул" ва ЗБ "Хонақо" бо шиддатнокии 110/10 кВ ва 3 адад ЗБ "Алмосӣ", "Зиракӣ" ва "Чузӣ-2" бо шидатнокии ҳар кадомашон 35/10 кВ фаъолият доранд.

Дарозии умумии хатҳои барқии шиддатнокии ХИБ 10 кВ – 473,8 км ва ХИБ 0,4 кВ – 751,4 км мебошанд. Дарозии хатҳои кабелии шиддатнокии 10 кВ – 8,44 км ва хатҳои кабелии шиддатнокии 0,4 кВ – 3,32 километрро ташкил медиҳанд.

Дар соли 2020 ба миқдори 279,1 млн. кВ/соат қувваи барқ қабул гардидааст, ки ин нишондиҳанда дар ҳамин давраи соли 2019 ба 321,9 млн. кВ/соат баробар буд. Маблағи ҳисобшуда 48,94 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки маблағи пардохти он ба 4,6 млн. сомонӣ ё 80% баробар мебошад.

Талафоти қувваи барқ бошад ба 15,5 % баробар буда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1,5 % кам мебошад.

Дар соли 2020 аз тарафи муассисаи "Шабакаи барқи ш.Ҳисор" барои таъминоти хушсифат ва мунтазами барқ ба истеъмолкунандагон як қатор

корҳои зарурӣ ба анҷом расонида шудааст. Аз ҷумла, дар хати ҳавоии 10/0,4 кВ ба миқдори 15500 метр симҳои лучи алюминӣ, оиқҳо ба миқдори 231 адад, болорҳои 10/0,4 кВ ба миқдори 183 адад, сутунпояҳои оҳанию бетонӣ миқдори 269 адад иваз гардидаанд.

Шумораи истифодабарандагон ба 50490 адад баробар гашта, аз ин 39805 адад аз ҳисобгиракҳои индуксионӣ ва 10685 адад аз ҳисобкунакҳои электронӣ истифода менамоянд.

Тибқи созишномаи байни ШСХК "Барқи Тоҷик" ва Бонки Осиёии Рушд соли 2015 дар доираи татбиқи лоиҳаи бахшида ба ҷашни 3000 ҳазор солагии Ҳисори Шодмон 2 зеристгоҳи барқӣ, аз ҷумла яке ЗБ "Шаҳринав-2" шиддатнокиаш 220/110/35/10 кВ бо иқтидори 256,3 МВА ва дигараш ЗБ "Хонақо" шидатнокиаш 110/10 кВ бо иқтидори 50 МВА ба истифода супорида шуд. Инчунин, ба масофаи 11,1 км хати ҳавои барқӣ 110 кВ аз ЗБ 220/110/35/10 кВ "Шаҳринав-2" то ЗБ 110/10 кВ "Хонақо" аз тарафи ширкати чинии "ТВЕА" сохта ба истифода дода шуд.

**Мушкилотҳои асосӣ дар самти таъминоти барқ:**

- фарсуда гаштани симчӯбҳо ва хатҳои интиқоли барқ дар деҳаҳо;
- нокифоягии тавоноии трансформаторҳо дар деҳаҳо, ки солҳои тӯлонӣ истифода гаштаанд ва феълан зуд-зуд корношоям мегарданд;
- таъмирталаб гаштани шабакаҳои барқтаъминкунии дохили биноҳои баландошёна;
- зарурияти бунёди хатҳои интиқоли барқ азЗБ 220/110/35/10 кВ "Шаҳринав -2"ва аз ЗБ 110/10 кВ "Хонақо" барои кам намудани сарбории ЗБ 110/35/10 кВ "Ҳисор";
- зарурияти бунёди хатҳои интиқоли барқ дар маҳаллаҳои навбунёдгашта ва навбунёдшаванда;
- таъмин намудани муассисаи "Шабакаи барқи ш.Ҳисор" бо техникаҳои борбардор, боркаш ва таҷҳизоти муосир барои фаъолияти барқчиён.

**Ҳадаф ва вазифаҳо дар самти таъминоти барқ:**

**Ҳадаф:** - беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба низоми устувори барқрасонӣ;

**Вазифаи 1:** - таъмин намудани уствории инфрасохтори барқрасонии шаҳрак ва деҳот.

### 5.5. Алоқа ва фазои иттилоотӣ.

#### 5.5.1. Вазъи кунунӣ.

Қитъаи техникии ҶСК «Тоҷиктелеком»-и ш.Ҳисор тобеъи минтақаи №5-и ҶСК «Тоҷиктелеком»-и ш.Турсунзода буда, таъминкунандаи асосии хизматрасониҳои соҳаи алоқа дар шаҳри Ҳисор мебошад.

Дар истгоҳи телефонии шаҳр ва истгоҳи телефонии деҳот воқеъ дар Комбинати нобиноён 1106 нуқтаи телефонӣ пайваст буда, аз он 338 нуқта

ба корхонаву ташкилотҳо ва 768 нуқта ба аҳолии шаҳр ва деҳот хизмат мерасонад.

Дар соли 2020 шумораи муштариён 46 адад зиёд  шудааст, аз ҷумла аз ҳисоби аҳолӣ  39  адад ва аз ҳисоби корхонаю ташкилотҳо 7 адад. Инчунин, 112 нуқта ба шабакаи интернети алоқаи барқӣ  пайваст мебошад, аз ҷумла барои аҳолӣ 91 нуқта ва барои корхонаю ташкилотҳо 21 нуқта.

Муштариён инчунин аз хизматрасонии шабакаҳои мобилии «Мегафон», «Вавилон», «TCeel», «ZетМобайл» истифода мебаранд.

Қитъаи техникии ҶСК «Тоҷиктелеком»-и ш.Ҳисор бо таҷҳизотҳои замонавии рақамӣ ва хати нурию нахӣ васл карда шуда, барои муштариён хизматрасониҳои интернетӣ ва почтаи электронӣ дастрас мебошад.

Дар ҳудуди шаҳр ҳамаи барномаи телевизиони ҷумҳуриявӣ ва инчунин барномаҳои радиои ҷумҳуриявӣ пахш карда мешавад.

Дар шаҳр рӯзномаҳои «Ҳисори Шодмон», маҷаллаҳои «Ҳисори зарнисор» ва «Маорифи Ҳисор»  нашр мешаванд.

**Мушкилотҳои асосии самти алоқа ва фазои иттилоотӣ:**

- пурра таъмин набудани аҳолии шаҳр ва деҳаҳо бо воситаҳои алоқаи телефонии ноқилӣ;
- набудани хатҳои алоқаи нурию нахӣ ва таҷҳизоти алоқа дар деҳот;
- фарсуда шудани симчубҳои алоқа;
- набудани истгоҳҳои нави рақамӣ, барои таъмини дастрасии алоқа ба муштариёни деҳаҳои дурдаст.

**Ҳадаф ва вазифаҳо дар самти алоқа ва фазои иттилоотӣ:**

**Ҳадаф:** - беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба низомӣ алоқа ва интернет;

**Вазифаи 1:** - беҳтар намудани инфрасохтори алоқа ва интернет.

# БОБИ 6. ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ, ИДОРАКУНИИ ХАТАРИ ОФАТҲОИ ТАБИӢ ВА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА

## 6.1. Ҳифзи муҳити зист.

### 6.1.1. Вазъи кунунӣ.

Вазъи муҳити зист дар ҳамаи бахшҳои Барномаи мазкур таҳлил гардида, чораҳои нигоҳ доштани устувории он баён шудаанд. Мушкилиҳои асосии соҳа хеле зиёданд, аз ҷумла, бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳо, дарахтзорҳо ва ҷангалзорҳо, зиёд шудани теъдоди ҳодисаҳои буридани дарахтон, ифлосшавии мавзеъҳои кӯҳсор бо партовҳои сахти маишӣ, хавфи ба вуқӯъ омадани ҳолатҳои фавқулодда (сел, ярч), азхудкунии заминҳои наздикӯҳӣ бе назардошти релефи он, бањд шудани ҳолати чарогоҳҳо, азхудкунии ғайриқонунии канданиҳои фоиданоки табиӣ, аз ҷумла хок, қуму санг, шағал ва ғайраҳо.

Дар шаҳр оид ба масъалаҳои ҳифзи муҳити зист «Шуъбаи ҳифзи муҳити зисти шаҳри Ҳисор» фаъолият менамояд, ки 5 нафар корманд (Сардор, 3 сармутахассис, 1 мутахассис ва 5 нозири тибқи шартнома фаъолият дошта) иборат аст. Вазифаи асосии бахши мазкур, назорат ва ҳифзу истифодаи дурусти захираҳои табиӣ (об, замин, ҳаво, партовҳо, шикор, моҳидорӣ ва дигар захираҳо) мебошад.

Масъалаҳои ҳалталаби соҳа хеле зиёданд, аз ҷумла, зиёд шудани теъдоди ҳодисаҳои буридани дарахтон, ифлосшавии муҳити зист бо партовҳои сахти маишӣ, азхудкунии ғайри самараноки сарватҳои табиӣ, аз ҷумла, хок, қум, санг, шағал ва ғайраҳо. Ба вазъи экологии шаҳр инчунин тавассути муайян кардани ҳолати ҳавои атмосферӣ, тоза кардани шаҳр аз партовҳои сахти маишӣ ва саноатӣ баҳо метавон дод.

Иқтидорҳои саноатии шаҳри Ҳисор ба муҳити зист таъсири бевосита расонида, таркиби ҳаво, об ва хокро аз моддаҳои гуногун тавасути ихроҷи моддаҳои гуногуни газмонанд, партовҳои сахти маишӣ ва пасобу ташноб олуда месозанд.

Дар ҳудуди шаҳр 24 карерҳо ва корхонаҳои хурди хиштбарорӣ ба қайд гирифта шуда, фаъолият мекунанд ва ба ҳолати экологии шаҳр таъсири антропогении воқеӣ мерасонанд.

Аз рӯи маълумотҳои Бозрасии давлатии автомобилии шаҳр дар соли 2020 дар шаҳр 14 000 адад нақлиёт мавҷуд буда, миқдори он сол аз сол зиёд мешавад. Нақлиёти муҳарикашон бо бензин фаъолияткунанда бештар ҳаворо ифлос мекунанд, зеро ҳангоми сӯхтани бензин зиёда аз 200 ташкилкунандаҳо ҳосил мешавад, ки аз ҳама хавфнокашон оксиди карбон, карбогидрат, оксидҳои нитроген, гидрати сулфат, алдегидҳо, қурғошим ва дигар маводҳои заҳрноки кансеротен мебошанд.

**Ҳаҷми партовҳои зараровар ба муҳити зист дар шаҳри Ҳисор**

| № | Сол | Партовҳои зараровар ба муҳити зист, тн/дар як сол | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Партовҳои сахт | SO2 | *CO* | *NO2* | Газҳои дигар |
| 1 | 2017 | 175,948 | 58,469 | 15,145 | 33,26 | 5,987 | 63,137 |
| 2 | 2018 | 400,233 | 193,55 | 82,015 | 55,977 | 10,415 | 58,276 |
| 3 | 2019 | 430,676 | 205,24 | 87,738 | 64,363 | 12,023 | 61,312 |

Ба назардошти он, ки роҳҳои шаҳр, ба теъдоди нақлиёти он мувофиқ нест, яъне нақлиёт ниҳоят зиёд аст, ихроҷҳои нақлиёт на фақат ба пиёдагардон, балки ба сокинони хонаҳои дар шафати роҳ сохташудаи пастошёна (яъне 4 то 5 ошиёна) низ таъсири манфӣ мерасонад.

Муаммои дигари экологии шаҳр, ғалоғула ва садо садои нақлиёт мебошад. Аз рӯи татқиқотҳои тибию биологӣ ғалоғула ва садои нақлиёт 70 фоиз касалиҳои асаби шаҳриёнро ба вуҷуд меорад, ки дар мондашавии барвақти асабоният, бехобӣ ба вуҷуд омадани тағйиротҳои дар кори дил зуҳур меёбад.

### 6.1.2. Партовҳо.

Яке аз муаммоҳои асосии экологии шаҳри Ҳисор ин ҳолати тозакунии ҳудуди он аз партовҳои сахти маишӣ мебошад. Айни замон партовҳо асосан аз кӯчаҳои протоколӣ ва марказӣ сари вақт бароварда мешавад. Дар дигар минтақаҳои ҳудуди ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти шаҳр дар ҷоришавии партовҳои тоза нокарда ба дарёҳои Хонақову Кофарниҳон ва дигар каналу ҷӯйборҳо боиси ифлосшавии бевоситаи манбаҳои обӣ мегарданд.

Ба ҳолати биноҳо ва иншоот ихроҷоти маводҳои ифлоскунанда ба атмосфера, садамаҳои дар шабакаҳои таъминоти об ва ташнобу корез ба вуҷудоянда таъсир мерасонанд.

Ихроҷоти зиёди ҷамъ аз корхонаҳои саноатӣ, намуди зоҳири биноҳо ва дохили онҳоро ифлос мекунанд. Садамаҳои шабакаҳои таъминоти об ва хатҳои корезии боиси ботлоқшавии ҳудуди шаҳр мегардад, дар натиҷаи таҳкурсии баъзе биноҳо фурӯ мераванд. Илова бар ин, ботлоқ манбаи афзоиши паша хомушак ва ғайра мегардад. Ташакули партовҷойҳои ғайрирасмӣ боиси ифлосшавии хок пайдошавии хавфи ифлосшави оби ошомиданӣ (аз ҳисоби инфилитратсия) ва пайдоиши манбаҳои касалиҳои сироятӣ мебошанд. Ин ҳолат бошад, дар минтақаҳои аҳолинишин ва атрофи онҳо вазъи ногувори экологиро ба вуҷуд меорад.

Умуман дар натиҷаи таҳлили вазъи экологии шаҳри Ҳисор як қатор мушкилиҳои асосии он муайян мегарданд.

**Мушкилиҳои асосии ҳифзи муҳити зист:**

- мавҷуд набудани коргоҳҳои коркарди партовҳо;
- якбора афзоиш ёфтани миқдори нақлиёти автомобилӣ;
- ҳолати ғайриқаноатбахши партовҷойҳои расмии шаҳр ва партовҷойҳои муваққатии ғайрирасмӣ дар ҳудуди ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти шаҳр;
- истифодаи ғайрисамаранокии захираҳои обӣ;
- мушкилиҳои таъминоти пурра ба оби нушокӣ;
- мавҷуд набудани коркарди безараргардонии лампаҳои каммасрафи аз истифода баромада.

**Ҳадаф ва вазифаҳои ҳифзи муҳити зист:**

**Ҳадаф:** - паст кардани таъсири манфии экологии шаҳр, аз ҷумла бо таваҷҷӯҳи махсус ба сифати ҳаво ва идоракунии партовҳои коммуналӣ ва дигар намуди партовҳо (11.6);

**Вазифаи 1:** - баланд бардоштани ҳаҷми сармоягузориҳо дар самти бехатарии муҳити зист ва экология.

## 6.2. Идоракунии хатари офатҳои табиӣ ва ҳолатҳои фавқулода.

### 6.2.1. Шарҳи хусусияти офатҳои табиии шаҳри Ҳисор.

Хусусияти хатари офатҳои табиии шаҳр аз ҷойгиршавии ҷуғрофии он, релефи он дар қисмати ҷануб ва шимоли қаторкӯҳҳои Ҳисор буданаш ва аз

сатҳи баҳр дар баландии аз 750 то 3000 м ҷойгир буданаш, ташаккул меёбад. Офатҳои табиие, ки ба аҳолии шаҳр бештар таҳдид менамоянд, асосан аз ҷараёнҳои гидрологию метеорологӣ ва геологӣ иборат мебошанд.

Таҳлили вазъият нишон медиҳад, ки обшавии босуръати барф дар кӯҳҳои қисми шимолии шаҳр, баландшавии ҳарорати миёнаи солона, тағйирёбии миқдори боришот, бештар шудани давраҳои ғайриоддии обу ҳаво (бориши жола, барф), инчунин афзоиши офатҳои табиӣ бар асари шароити обу ҳаво ва иқлим, мушоҳида мешавад. Ин ҳама метавонад ба захираҳои табиӣ, саломатии одамон ва рушди иқтисодиёти маҳаллӣ таъсир расонад.

Хусусияти офатҳои табиии шаҳри Ҳисор дар ҷадвали зерин ба тарви муфассал оварда шудааст.

Дар давраи солҳои 2005-2019 дар ҳудуди шаҳри Ҳисор ҳамаги 115 офатҳои табиӣ ба қайд гирифта шуда, ба иқтисодиёти маҳаллӣ хисороти зиёд расонид (нигаред ба ҷадвали поён).

## Хусусиятҳои офатҳои табии шаҳри Ҳисор

| *Хавф* | *Хусусият* |
|---|---|
| ***Сел*** | • *Аксарияти ҳудуди шаҳрро кӯҳҳо ишғол меномоянд, бинобар ин хусусиятҳои топографии шаҳр ба пайдоиши муомилоти ҳаво таъсир мерасонад ва боиси ба амал омадани боришот мешавад, ки он барои ташаккулёбӣ ва фаромадани сел ба минтақаҳои куҳии деҳот, мусоидат менамояд.*<br>• *Тибқи маълумотҳои расмӣ дар шаҳри Ҳисор дар давоми солҳои 2005 то соли 2019, 93 ҳодисаи фаромадани сели характери гуногундошта бақайд гирифта шудааст.*<br>• *Селҳои калон асосан дар мавзеҳои назди соҳилии дарёи Кофарниҳон ва Хонақо, ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти шаҳр аз ҷумла: шаҳраки Ҳисор, Ҷамоати деҳоти Деҳқонобод, Сомон, Навобод, Хонақоҳи Кӯҳӣ, Алмосӣ, Ҳисор, Мирзо Ризо ва Ориён ба қайд гирифта шудааст. Бештар аҳолии шаҳр бар асари боришотҳои борони мавсими баҳорӣ, ки минтақаи серборииштарин қаторкӯҳои Ҳисор ба ҳисоб меравад, дар дарёҳои Кофарниҳон ва Хонақои шаҳри Ҳисор баландшавии сатҳи оби дарёҳо ва ҷоришавии обҳо аз баландкӯҳҳо (селроҳаҳо) таъсири худро мерасонад.*<br>• *Боришоти борони пуршиддати рӯзи 5 апрели соли ҷорӣ боиси омадани сел гардида ба биноҳои ёрирасон, қитъаҳои заминҳои наздиҳавлигии сокинони Ҷамоатҳои деҳоти Сомон, деҳаҳои Богистон (Тулла) ва Обшорон, кишти зироатҳои галладона, сабзавот ва заминҳои корами хоҷагиҳо, каналу селпартоҳо ва роҳҳои байни деҳаҳо ба маблағи* ***493161*** *(чор саду наваду се хазору як саду шасту як) сомонӣ ҳисорот ворид сохт, ки аз ҷониби Комиссияи ҳолатҳои фавқулоддаи шаҳр хуччатхои тасдиккунанда тасдиқ шуда, барои маълумот ба КҲФ ва МГ назди ХЧТ, аз 4 июни соли 2019, №463/1-30 ва ба Комиссия оид ба ҳолатҳои фавқулоддаи Ҳукумати Ҷумҳури Тоҷикистон 04 июни соли 2019, №464/1-30 пешниход карда шуд.* |
| ***Обхезӣ*** | • *Аз қаламрави шаҳр дарёи Кофарниҳон, Хонақо ва селпартҳҳои Ҷамоати деҳоти Ориён ва Хонақои Кӯҳи ҷорӣ мешаванд, ки эҳтимоли рахнашавии онҳо бинобар сабаби тоза нагаштани онҳо, дар мавсими боронҳои баҳорӣ мавҷуд аст ва метавонад ба аҳолӣ ва иқтисодиёти шаҳр ҳисороти калон оварда расонад.*<br>• *Тибқи маълумотҳои расмӣ дар шаҳр дар давоми солҳои 2005 то соли 2019 дар шаҳр 41 ҳодисаи обхезӣ бақайд гирифта шудааст.*<br>• *Обхезиҳо бештар дар соҳили дарёҳои Кофарниҳон (мавзеъҳои Куҳнабой, Шерхонӣ ва дар соҳили дарёи Хонақо (мавзеъҳои Афғонобод, Мавлончар, Соҳилӣ, Багалак, Гачак, Гулханӣ, Иттифоқ, Хонақо, Шол, Шарафобод, Ҳафтеппа, Мурутак, Картош, Ҳалқаруд ва ғайра) бештар ба қайд гирифта шудаанд.*<br>• *Боришотҳои борони солҳои охир ва боришоти борони пуршиддати рӯзҳои 12-15 апрели* |

| | |
|---|---|
| | *соли 2020 боиси баландшавии сатҳи оби дарёи Хонақо ва Кофарниҳон гардида, таҳдид ба соҳили чапи дарёи Кофарниҳон деҳаи Кӯҳнабойи ҷамоати деҳоти Ҳисор, соҳили чапи дарёи Хонақо деҳаи Афгонободи ҷамоати деҳоти Сомон ва ба шусташавии заминҳои соҳили чапу рости дарёи Хонақо, иншоотҳои муҳофизатӣ (дамбаҳо) қисман зарар оварда расонидааст, ки ин дар ҳолати пешгирӣ накардан пурра зарар ба иқтисодиёти шаҳр оварда расониданаш аз эҳтимол дур нест. Боиси зикр аст, ки ҳолати рухдода тибқи таснифоти ҳолатҳои фавқулодда ба ҳолати фавқулоддаи маҳаллӣ ва маҳдуд рост омада аз сабаби надоштани шартномаи суғуртавӣ аз макомотхои дахлдор маблаггузорӣ нагардида бошадхам таъсири офатхои табиӣ аз ҷониби қувва ва воситаҳо, маблағҳои маҳаллӣ ва идоравӣ баркарор карда шуд. Вобаста ба масъалаи ҷойдошта комиссияи ҳолатҳои фавқулоддаи шаҳр ҷиҳати пешгирӣ ва паст кардани хавфи офатҳои табиӣ хуччатхои тасдиккунандаи комиссияи холатхои фавкулоддаи шахрро барои маълумот ба КҲФ ва МГ назди ХЧТ, №1079/1-30 аз 27 октябри соли 2020 ва ба Комиссия оид ба ҳолатҳои фавқулоддаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №1078/1-30 аз 27 октябри соли 2020 пешниход карда шуд.* |
| ***Шамоли сахт*** | • *Дар давоми солҳои 2005-2019 ҳамагӣ 11 ҳодисаи хавфноки шамоли сахт дар ҷамоатҳои деҳоти Ориён, Мирзо Ризо, Хонақоҳи Куҳи ва Алмосӣ ба қайд гирифта шудааст.*<br>• *Санаи 22 январи соли 2021 соати1:30 $^{0}$дар ҳудуди шаҳр шамоли пуршиддат ба қайд гирифта шуд, ки оқибати он боиси зарари болопӯши иншоотҳои ёрирасон (синфхона ва ҳамом), Дидбонгоҳи сарҳадии шаҳри Ҳисор, воқеъ дар ҷамоати деҳоти Ориён деҳаи Гулистон гардид.*<br>• *Вобаста ба масъалаи ҷойдошта комиссия муайян намуд, ки зарари расида ба болопӯши иншоотҳои ёрирасони Дидбонгоҳ ба миқдори 21,053(бисту як ҳазору панҷову се) сомонӣ ҳисорот ворид намуд, ки хуччатхои тасдиккунанда (санад) комиссияи холатхои фавкулоддаи шахр аз 22 январи соли 2021 барои маълумот ба КҲФ ва МГ назди ХЧТ ва ба Комиссия оид ба ҳолатҳои фавқулоддаи шаҳр пешниход карда шуд.*<br>• *Боиси зикр аст, ки ҳолати рухдода тибқи таснифоти ҳолатҳои фавқулодда ба ҳолати фавқулоддаи маҳаллӣ ва маҳдуд рост омада аз сабаби надоштани шартномаи суғуртавӣ аз макомотхои дахлдор маблаггузорӣ нагардида бошадхам таъсири офатхои табиӣ аз ҷониби қувва ва воситаҳо, маблағҳои маҳаллӣ ва идоравӣ баркарор карда шуд.* |
| ***Заминларза*** | • *Минтақаи фаъоли сейсмикӣ. мувофиқи харитаи минтақабандии сейсмикии қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Ҳисор дар минтақаи аз ҷиҳати сейсмикӣ хатарнок ҷойгир буда, сатҳи он аз рӯйи меъёрҳои MSK-64 аз 7 то 9 дараҷа мерасад.*<br>• *Тибқи маълумотҳои расми шаҳри Ҳисор дар давоми солҳои 2007 то соли 2019, зиёда аз 30 заминҷунбӣҳо ба қайд гирифта шудааст.*<br>• *Мавзеъҳои аз ҷиҳати сейсмики фаъол дар қаламрави ҳудуди шаҳр бештар ба назар мерасад.* |
| ***Ярч*** | • *Солҳои охир бинобар боришоти зиёд ва афзудани сатҳи намнокии адирҳои сафедхок дар мавсими баҳор, дар ҷамоатии деҳоти Хонақоҳи Кӯҳӣ ва алмосӣ фаромадани ярч ба қайд гирифта шудааст.*<br>• *Тибқи маълумотҳои расми дар шаҳр дар давоми солҳои 2005 то соли 2019 дар шаҳр 2 ҳодисаи фаромадани ярч бақайд гирифта шудааст, ки ин ҳам бошад дар деҳаи Тахти ҷамоати деҳоти Хонақои Кӯҳи ва деҳаи Курпаии Ҷамоати деҳоти Алмосӣ.* |
| ***Сангрезӣ*** | • *Ҳамагӣ дар давоми солҳои 2005-2019 зиёда аз 2 ҳодисаи сангфаромӣ дар роҳҳои байни деҳавии ҳудуди ҷамоати деҳоти Ориён, Хонақоҳи Кӯҳӣ ва Алмосӣ ба қайд гирифта шудааст.* |
| ***Тармафаромӣ*** | • *Тармафаромӣ асосан дар баландкӯҳҳои қисмати шимолии шаҳр, дар ҷамоатҳои деҳоти Хонақои Кӯҳи ва Алмосӣ ба қайд гирифта шудааст, ки инҳам бошад ҳамчун маълумот мебошад* |
| ***Хунукии сахт сармо*** | • *Дар шаҳр дар давоми солҳои 2005-2019 4 ҳодисаи сармо ба қайд гирифта шудааст.* |
| ***Барфи аз меъёр зиёд*** | • *Дар шаҳр дар давоми солҳои 2005-2019 1 ҳодисаи боридани барфи аз меъёр зиёд ба қайд гирифта шудааст.* |
| ***Раъду барқ*** | *Бар асари боришоти пуршиддати борон ва баамал омадани раъду барқ 1 ҳолати раъду барқ ба қайд гирифта шудааст.* |

Маълумоти оморӣ нишон медиҳад, ки дар қаламрави шаҳр дар солҳои 2012-2019 теъдоди ҳолатҳои фавқулоддаи хусусияти табиидошта нисбат ба

солҳои 2006-2010 тадриҷан афзудааст. Дар шаҳри Ҳисор дар мадди аввал фаромадани сел (25%), шамоли сахт ва заминларза (12%) бештар мушоҳида шудааст.

### 6.2.2. Дучоршавӣ, осебпазирӣ ва тамоюлҳои ҲФ дар шаҳри Ҳисор.

Мувофиқи маълумотҳои расмӣ шаҳри Ҳисор дар минтақаи хавфи баланди селфаройӣ ва зиминларза ҷойгир мебошад. Дар давоми 12 соли охир дар шаҳр 93 ҳодисаи ҳолатҳои фавкулоддаи характери гуногундошта рух дод, ки он боиси хисороти зиёди иқтисодӣ гардид. Таҳлили ҷуғрофии вуқӯи ҲФ табиӣ дар қаламрави шаҳри Ҳисор дар ин давра нишон медиҳад, ки селҳои калон асосан дар маҳаллаҳои аҳолинишини деҳаи Боғистони Ҷамоати деҳоти Сомон ба қайд гирифта шудаанд.

Дар қаламрави шаҳри Ҳисор дарёҳои Хонақо ва Кофарниҳон бо масофаи 67-70 киллометр бо дарозии 40-41 киллометр ҷорӣ мешаванд. Селҳои калон асосан дар мавзеъҳои назди соҳилии дарёи Хонақо ва Кофарниҳон ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти шаҳри Ҳисор, аз ҷумла ҷамоатҳои шаҳраки Ҳисор, ҷамоати деҳоти Деҳқонобод, Сомон, Ҳисор, Ориён, Навобод, Хонақои Кӯҳӣ, Алмосӣ ва Мирзо Ризо ба қайд гирифта шудааст.

Дар натиҷаи боронгариҳои моҳҳои апрел –июни соли 2020 иншоотҳо ва сарбандҳои муҳофизатии соҳили дарёҳои Хонақо ва Кофарниҳон қисман хароб гардида, заҳбуру заҳкашҳо ва селроҳаҳо аз регу лой пур гардид.

### 6.2.3. Обхезиҳо.

Тибқи дурнамои Хусусияти хатари офатҳои табиӣ дар доираи амалисозии Барномаи идоракунии хатари офатҳои табии БР СММ гузаронида шудааст, дар шаҳри Ҳисор дар давоми 30 соли минбаъда баланд шудани эҳтимолияти обхезӣ таҳдид менамоянд (нигаред ба расми зерин), ки онҳо асосан дар асоси боришоти пай дар пай дар мавсими баҳор ба вуҷуд хоҳанд омад.

### 6.2.4. Шамоли сахт.

Дар давоми солҳои 2010-2020 дар ҳудуди шаҳри Ҳисор 10 ҳолати шамоли сахт ба қайд гирифта шудааст, ки ҳамасола ба иқтисодиёти шаҳр зарари калон расонид. Дар худуди Ҷамоати деҳоти Ориён ва Мирзо Ризо санаи 23 июни соли 2020, соати $05^{00}$ шамоли сахт ба қайд гирифта шуд, ки аз ҳисоби он болопӯши хонаҳои истиқоматӣ, марказҳои хизматрасонӣ ва иншоотҳои ёрирасони Дидбонгоҳи сарҳадӣ зарар дид.

### 6.2.5. Заминларза.

Заминларза дар шаҳри Ҳисор яке аз офатҳои табиии зуд-зуд такроршаванда ва хатарнок арзёбӣ мешавад. Дар давоми солҳои 2006-2020 дар қаламрави шаҳри Ҳисор зиёда аз 30 ҳолатҳои заминларза ҳамчун маълумот ба қайд гирифта шудааст.

### 6.2.6. Пешгирии офатҳои табиӣ.

Солҳои охир бо иштироки сохтор ва ташкилоту муассисаҳо, масъули Коммиссия оид ба ҲФ дар шаҳр солона ба ҳисоби миёна 80 ҳазор сомонӣ барои корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ аз ҳисоби ИДБЗО ва аз ҳисоби захираҳои назди мақомот ҷудо мегардад, ки барои фаро гирифтани ҳамаи корҳо басанда нест. Дар ин самт шаҳр холо хам аз хисоби норасоии маводҳои сӯзишворӣ, маблағ ва техникаҳои махсус ва захираҳои инсонӣ дӯшворӣ мекашад.

### 6.2.7. Аҳолии осебпазир.

Аҳолии осебпазири шаҳр аз офатҳои табиӣ тибқи хусусиятҳои мавзеи ҷойгиршавӣ ва манзили зист, синну сол, ҷинс, мақоми иҷтимоӣ, шуғл, даромад, фарқ мекунад. Қишри осебпазиртарини аҳолӣ ба офатҳои табиӣ занону кӯдакон, пиронсолон ва маъюбон арзёбӣ мешаванд. Фишорҳои давомдор ва офатҳои табиӣ ба аҳолӣ таҳдидкунанда дар ҷадвали зерин ба таври зайл оварда шудааст:

| *Фишорҳои давомдор* | *Хатарҳо* |
|---|---|
| • *Афзоиши аҳолӣ*<br>• *Бӯҳрони иқтисодӣ*<br>• *Камбизоатӣ*<br>• *Паҳншавии пандемияи Covid-19*<br>• *Маҳдудияти имкониятҳои молиявӣ*<br>• *Инфрасохтори кӯҳна*<br>• *Сатҳи баланди бекорӣ*<br>• *Дараҷаи муҳоҷират*<br>• *Афзоиши мушкилотҳои экологӣ*<br>• *Фарсудашавии иншоотҳои селпарто, заҳбуру заҳкашҳо*<br>• *Маҳдудияти дастраси аҳолӣ ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ* | • *Сел*<br>• *Обхезӣ*<br>• *Заминларза*<br>• *Шамоли сахт(чангдор)*<br>• *Хуруҷи бемориҳо*<br>• *Садамаҳои нақлиётӣ*<br>• *Ҳашаротҳои зараррасон* |

Аҳолӣ ба таҳдиди офатҳои табиӣ тадриҷан омода набуда, ҳатто офати табиӣ ҳам метавонад ба шароити иҷтимоӣ ва равонии онҳо таъсири манфӣ расонад. Сатҳи пасти таъминоти иҷтимоии онҳо масъалаҳои пешгирии офатҳои табииро ба мадди дувум мегузорад. Дар баробари ин маълумотнокии аҳолӣ оиди омодагӣ, пешгирӣ ва бартарафсозии офатҳои табиӣ дар сатҳи хело ҳам паст қарор дорад.

Воқеан, комиссияи ҳолатҳои фавқулоддаи шаҳр дар давоми солҳои охир оиди омодагӣ, пешгирӣ ва бартарафсозии офатҳои табиӣ ва ҲФ корҳое зиёдеро ба анҷом расонида бошад ҳам, камбудиҳо низ дар ин самт вуҷуд доранд.

**Мушкилоти асосӣ дар идоракунии хатари офатҳои табиӣ ва ҳолатҳои фавқулода:**

- дар минтақаҳои хавфнок ҷойгир будани як қисми аҳолӣ;
- аз ҷониби аҳолии деҳаҳои дар соҳили дарё ҷойгирбуда партофта шудани партовҳои сахти маишӣ;
- ба талабот ҷавобгӯ набудани ҳолати сойу каналҳои селпарто ва селроҳаҳо;
- боришоти зиёд дар мавсими баҳор;
- норасогии маводҳои зарурӣ ва масолеҳи сохтмонӣ барои иҷрои корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ.

**Ҳадаф ва вазифаҳо дар идоракунии хатари офатҳои табиӣ ва ҳолатҳои фавқулода:**

**Ҳадаф:** - ҷорӣ намудани низоми самараноки ИХОТ ҷиҳати таъмини устувории шаҳр ба офатҳои табиӣ ва паст кардани хавфу хатар;

**Вазифаи 1:** - баланд бардоштани огоҳии аҳолӣ оид ба пешгирӣ, эътино ва рафъи офати табиӣ;

**Вазифаи 2:** - баланд бардоштани ниҳодҳои масъул оид ба ИХОТ

**Вазифаи 3:** - баланд бардоштани ҳаҷми сармоягузориҳо ҷиҳати паст намудани хатари ОТ.

# БОБИ 7. ИДОРАКУНИИ ҶАРАЁНИ ТАТБИҚИ БАРНОМА

## 7.1. Маблағгузории барномаи рушди шаҳр

Ба Барномаи рушди шаҳр 654 лоиҳа ба маблағи 1 млрд. 26 млн. сомонӣ ворид гардидааст, ки аз ин 305 лоиҳа ба маблағи 497,8 млн. сомонӣ ба бахши иқтисодиёт, 250 лоиҳа ба маблағи 346,9 млн. сомонӣ ба бахши иҷтимоиёт, 83 лоиҳа ба маблағи 125,8 млн. сомонӣ ба бахши инфрасохтор, ҳолатҳои фавқулодда ва ҳифзи муҳити зист ва 16 лоиҳа ба маблағи 55,5 млн. сомонӣ барои идоракунии раванди татбиқи Барнома ворид шудааст.

Барои амалӣ намудани "Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Ҳисор барои солҳои 2021-2025" аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 1 млрд. 26 млн. сомонӣ пешбинӣ гардидааст, аз ҷумла, аз ҳисоби:

- буҷети ҷумҳуриявӣ 79,4 млн. сомонӣ;
- буҷети маҳаллии шаҳр 56,7 млн. сомонӣ;
- сармояи хориҷӣ 50,9 млн. сомонӣ;
- бахши хусусӣ (соҳибкорон) 839 млн. сомонӣ.

## Маблағгузории Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Ҳисор барои солҳои 2021-2025 аз рӯи манбаҳои маблаггузорӣ (ҳазор сомонӣ)

| Соҳаҳо | Шумораи лоиҳаҳо (адад) | Ҳамагӣ, хазор сомонӣ | Буҷети ҷумҳуриявӣ | Буҷети маҳаллӣ | Бахши хусусӣ (соҳибкорон) | Сармояи хориҷӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. Саноат | 27 | 53358 | 0 | 68 | 53280 | 10 |
| 2. Кишоварзӣ | 47 | 48641 | 0 | 5006 | 43085 | 550 |
| 3. Соҳибкории хурду миёна | 206 | 73812 | 0 | 120 | 71512 | 2180 |
| 4. Манзил ва сохтмон | 25 | 322000 | 0 | 9000 | 311000 | 2000 |
| **Ҷамъ дар бахши иқтисодиёт** | **305** | **497811** | **0** | **14194** | **478877** | **4740** |
| 5. Соҳаи сайёҳӣ | 47 | 55713 | 175 | 2150 | 44825 | 8563 |
| 6. Соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | 52 | 198841 | 50000 | 12299 | 107342 | 29200 |
| 7. Соҳаи маориф | 72 | 68884 | 200 | 7465 | 56419 | 4800 |
| 8. Фарҳанг ва варзиш | 79 | 23447 | 0 | 1190 | 22107 | 150 |
| **Ҷамъ дар бахши иҷтимоиёт** | **250** | **346885** | **50375** | **23104** | **230693** | **42713** |
| 9. Таъминоти оби нӯшиданӣ, санитарӣ ва беҳдошт | 11 | 22595 | 0 | 0 | 20995 | 1600 |
| 10. Хоҷагии манзилию коммуналӣ | 6 | 11500 | 0 | 0 | 11500 | 0 |
| 11. Таъминоти барқ | 9 | 64090 | 0 | 0 | 63090 | 1000 |
| 12. Нақлиёт ва хоҷагии роҳ | 14 | 8256 | 0 | 0 | 8256 | 0 |
| 13. Алоқа ва фазои иттилоотӣ | 5 | 3335 | 0 | 0 | 3335 | 0 |
| 14. Бехатарии ҳифзи муҳити зист | 4 | 1750 | 0 | 0 | 1750 | 0 |
| 15. Идоракунии хатари офатҳои табиӣ | 34 | 14288 | 55 | 353 | 13190 | 690 |
| **Ҷамъ дар бахши инфрасохтор, ҳолатҳои фавкулодда ва ҳифзи муҳити зист** | **83** | **125814** | **55** | **353** | **122116** | **3290** |
| 16. Идоракунии раванди татбиқи БРИИ шаҳри Ҳисор | 16 | 55456 | 29000 | 19036 | 7300 | 120 |
| **Ҳамагӣ, арзиши умумии лоиҳаҳои иҷрошавандаи БРИИ шаҳри Ҳисор барои солҳои 2021-2025** | **654** | **1025966** | **79430** | **56687** | **838986** | **50863** |

### 7.2. Буҷети маҳаллӣ

Даромади буҷети шаҳри Ҳисор аз ҳисоби корхонаҳои саноатӣ, бахши соҳибкорӣ ва кишоварзӣ ташаккул меёбад. Манбаи асосии қисми даромади буҷети шаҳр аз ҳисоби 10 намуди андоз ва дигар пардохтҳои ғайриандозӣ иборат мебошад. Дар сохтори қисмати даромади буҷети шаҳри Ҳисор андози даромад аз шахсони воқеӣ, андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ, андоз тибқи низоми соддакардашуда, андоз аз молу мулки ғайриманқул, андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард нақши бештар доранд.

Шаҳри Ҳисор бо назардошти имкониятҳои тиҷоратию истеҳсолии саноатӣ аз нуқтаи назари молиявӣ донор буда, аз соли 2018 аз ҳисоби ААИ ва аз ҳисоби андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард ва соли 2019 аз ҳисоби андоз аз даромади шахсони воқеӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ кӯмаки молиявӣ мерасонад. Дар панҷ соли охир даромади буҷети шаҳри Ҳисор 52,5 фоиз зиёд гаштааст.

Барои рушди устувори соҳаи молияи шаҳр дар доираи барнома дар давоми панҷ соли минбаъда бунёди корхонаҳои нави саноатӣ дар асоси коркарди ашёи хоми маҳаллӣ, ташкили кластерҳои истеҳсолию коркарди ниҳоии саноатию кишоварзӣ, бунёди корхонаҳои истеҳсолии парандапарварию моҳипарварӣ ва дигар чорабиниҳо дар соҳаҳои гуногун дар назар аст, ки амалишавии онҳо метавонанд ба афзоиши даромади буҷети маҳаллӣ мусоидат намоянд.

Буҷети шаҳр хусусияти иҷтимоӣ дошта, дар қисми хароҷот ҳиссаи зиёдро хароҷоти соҳаҳои маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва хоҷагии манзилию коммуналӣ ташкил медиҳанд.

Дар соли 2019 ба ҳисоби миёна ҳиссаи соҳаҳои иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва ҳифзи иҷтимоӣ) дар буҷети маҳаллӣ 92,2 фоизро ташкил додааст, ки аз ин хароҷот барои соҳаҳои маориф 69,7 фоиз, тандурустӣ 18,7 фоиз, фарҳанг 2,8 фоиз ва ҳифзи иҷтимоӣ 1,0 фоиз равона шудааст.

Сохтори хароҷоти буҷети шаҳри Ҳисор аз рӯи гурӯҳбандии иқтисодӣ асосан аз музди меҳнат ва суғуртаи иҷтимоӣ, хароҷот барои коргузории молу хизматрасониҳо ва хароҷоти асосӣ иборат мебошад. Хароҷоти асосӣ барои бунёди иншооти нав, сохтмон ва таҷдиди роҳҳо, таъмири биноҳо ва харидории таҷҳизот 0,5 фоизро ташкил додааст.

Тибқи нишондиҳандаҳои пешакии дурнамо буҷети шаҳр дар соли 2025 дар муқоиса ба соли 2019 ба андозаи 65 фоиз афзоиш ёфта, аз 128,1 млн. сомонии соли 2019 дар соли 2025 ба 210,8 млн. сомонӣ расонида мешавад. Инчунин, дар сурати боз ҳам беҳтар гаштани шароити соҳибкорӣ ва афзоиши ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ ин метавонад яке аз сарчашмаҳои иловагии таъмини қисми даромади буҷет гардад.

**Мушкилоти асосӣ:**

- пурра ба андозбандӣ фаро гирифта нашудани сарчашмаҳои даромад;

- ➢ набудани шабакаи ягонаи электронии иттилоотӣ байни сохторҳои молия, андоз, омор, гумрук ва бонкҳо;
- ➢ пешниҳоди ҳисоботи носаҳеҳ аз ҷониби баъзе корхонаҳо ва соҳибкороне, ки ба истеҳсолот, хизматрасонӣ ва тиҷорат машғуланд;
- ➢ сатҳи пасти фарҳанги андозсупории субъектҳои соҳибкорӣ.

**Ҳадаф ва вазифаҳо дар идоракунии татбиқи чараёни “Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Ҳисор барои солҳои 2021-2025”:**

**Ҳадаф:** - таъмини самаранокии татбиқт БРШ Ҳисор;

**Вазифаи 1:** - баланд бардоштани зарфияти МИҲД ва дигар ниҳодҳои рушд оиди идоракунии татбиқи БРШ;

**Вазифаи 2:** - беҳтар намудани инфрасохтори низоми идоракунии маҳаллӣ ва таҷдиди техникӣ.

### 7.3. Низоми мониторинг ва арзёбӣ.

Низоми мониторинг ва арзёбӣ унсури муҳими татбиқи Барномаи рушди шаҳр ба ҳисоб рафта, дар асоси талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2018, №615 “Дар бораи Қоидаҳои гузаронидани мониторинг ва арзёбии амалишавии ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи миллӣ, барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” гузаронида шуда, иҷроиши воқеии чараёни корҳо, мушкилотҳои ҷойдошта ва натиҷаҳои ба дастомадаро ошкор месозад. Низоми мониторинг ва арзёбӣ имкон медиҳад, ки робитаи мутақобила ва муттасил дар сиёсати қабулнамуда ва натиҷаҳои татбиқи амалии Барнома таъмин гардида, омилҳои зерин ошкор карда шаванд:

- то кадом андоза ба ҳадафҳои Барнома муваффақ мешавем;
- татбиқи лоиҳаҳои дар Барнома воридгардида ва натиҷаи онҳо.

Низоми мониторинги Барномаи рушди шаҳр аз рӯи ду унсур (мониторинги натиҷавӣ ва мониторинги татбиқи лоиҳаҳо) гузаронида мешавад.

Мониторинги натиҷавӣ аз рӯи индикаторҳо гузаронида шуда, тавассути он то кадом андоза ноил гардидан ба ҳадафҳои гузошташуда муайян карда мешавад (як маротиба дар охири сол гузаронида мешавад).

Мониторинги татбиқи лоиҳаҳо аз рӯи ҷойгиршавӣ, муҳлат, сарчашмаи маблағгузорӣ ва масъулин гузаронида мешавад.

Барои гузаронидани он ҷадвали электронӣ бо формати «Excel» тартиб дода шуда, ҳангоми зарурат ҳар семоҳа ба таври синхронӣ бо ҳисоботи лоиҳаҳо аз нав тасҳеҳ карда мешаванд.

Арзёбии таъсиррасонӣ аз ҷониби мутахассисони соҳавӣ ва мустақил (коршиносон) гузаронида мешавад.

**Замима:** занҷири мантиқӣ бо фарогирии лоиҳаҳои ҳамаи соҳаҳо, нишон додани индикаторҳо, аз ҷумла, индикаторҳои ҳадафҳои рушди устувор.

**Лоиҳаи “Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии шаҳри Ҳисор барои солҳои 2021-2025” мувофиқа карда шуд.**

_______________ А. Исматуллозода

_______________ Ҳ. Азимӣ

_______________ Н. Аюбзода

_______________ Б. Юлдошзода

_______________ С. Каримзода

_______________ Н. Ҳаёт

**Масъулони иҷро:**

_______________ А. Ҳафизов

_______________ Ш. Саидзода

_______________ П. Сайфиддинов

_______________ Б. Шарифӣ

_______________ Ҳ. Давлатзода